| | |
|---|---|
| Эсхата | **“Тасдиқ шудааст”**<br>аз тарафи Маҷлиси<br>умумии саҳмдорони<br>ҶСК “Бонки Эсхата”<br>Пайнавишти<br>№43 аз 29.05.2025 |

# ОИННОМАИ О-001:2025
# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ
# “БОНКИ ЭСХАТА”

(Таҳрири 09)

**Мавриди амал аз 01.06.2025**

# МУНДАРИЧА

Боби 1. Муқаррароти умумӣ ... 3

Боби 2. Мақсадҳо ва намуди фаъолияти Бонк ... 4

Боби 3. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои Бонк ... 5

Боби 4. Амалиётҳои бонкӣ ва дигар аҳдҳо ... 8

Боби 5. Филиалҳо ва намояндагиҳо. Бонкҳо ва ҷамъиятҳои фаръӣ. ... 10

Боби 6. Сармояи оинномавии Бонк ... 11

Боби 7. Саҳмияҳои Бонк ... 13

Боби 8. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои саҳмдорон ... 13

Боби 9. Бегона кардани саҳмияҳо аз ҷониби саҳмдорони Бонк ... 16

Боби 10. Вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои қиматноки эмиссионии Бонк ... 16

Боби 11. Феҳристи саҳмдорон ... 17

Боби 12. Тақсимоти фоидаи Бонк ... 17

Боби 13. Фондҳои Бонк ... 19

Боби 14. Таъмини манфиатҳои мизоҷон ... 20

Боби 15. Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи Бонк ... 21

Боби 16. Мақоми идоракунии Бонк ... 22

Боби 17. Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк ... 22

Боби 18. Шӯрои нозирони Бонк ... 27

Боби 19. Раёсати Бонк ... 35

Боби 20. Кумитаи аудит ва Департаменти аудити дохилии Бонк ... 41

Боби 21. Муносибатҳои меҳнатӣ дар Бонк ... 43

Боби 22. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Бонк ... 44

## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Бонк дар асоси Шартномаи таъсисӣ аз 16 ноябри соли 1993 бо номи Бонки тиҷоратии “Эсхата”, таъсис дода шудааст. Дар асоси қарори Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк (Пайнавишти №2 аз 28 майи соли 1999) Бонк ба Бонки саҳомии тиҷоратии “Эсхата”, табдил дода шуд. Мутобиқи қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон аз 29 марти соли 2002 (Пайнавишти №1) Бонк ба ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ “БОНКИ ЭСХАТА” номгузорӣ шуд.

Бонк вориси тамоми ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Бонки тиҷоратии “Эсхата” мебошад.

1.2. Бонк ташкилоти қарзӣ мебошад, мақсади асосии он ба даст овардани фоида буда, дорои сармояи оинномавӣ мебошад, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар гардидааст ва ҳуқуқи анҷом додани амалиётҳои бонкӣ ва муомилоти алоҳидаро, ки дар иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дорад.

1.3. Номи пурраи фирмавии Бонк бо забони тоҷикӣ:
ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ “БОНКИ ЭСХАТА”

Номи мухтасари фирмавии Бонк бо забони тоҷикӣ:
ҶСК “БОНКИ ЭСХАТА”

1.4. Номи пурраи фирмавии Бонк бо забони русӣ:
ОТКРЫТОЕ АКЦИОНЕРНОЕ ОБЩЕСТВО «БАНК ЭСХАТА»

Номи мухтасари фирмавии Бонк бо забони русӣ:
ОАО «БАНК ЭСХАТА»

1.5. Номи пурраи фирмавии Бонк бо забони англисӣ:
OPEN JOINT STOCK COMPANY “BANK ESKHATA”

Номи мухтасари фирмавии Бонк бо забони англисӣ:
OJSC “BANK ESKHATA”

1.6. Бонк дорои ҳуқуқи истисноии истифодаи номи фирмавии худ мебошад.

1.7. Маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи ҳуқуқии) Бонк: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 135.

1.8. Бонк дорои муҳри мудаввар бо зикри номи пурраи фирмавии Бонк ба забони тоҷикӣ ва англисӣ мебошад, инчунин, дорои штамп ва бланкҳо бо зикри номи фирмавӣ, эмблемаи худ мебошад ва метавонад бо тартиби муқарраргардида дорои тамғаи молии бақайдгирифташуда ва дигар воситаҳои тасвирии шинохташавандаро барои ба амал баровардани фаъолияти Бонк дошта бошад.

1.9. Бонк ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад ва дар фаъолияти худ тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонкии миллии Тоҷикистон, дигар

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, Оинномаи мазкур амал мекунад.

1.10. Бонк шахси ҳуқуқӣ мебошад, дар моликияти худ молу мулки алоҳида дорад, ки дар тавозуни мустақили он ба ҳисоб гирифта мешавад. Бонк аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо тамоми молу мулки худ масъул аст, инчунин, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои мадании молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсиро ба даст орад ва амалӣ намояд, дорои ӯҳдадориҳои маданӣ бошад, дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад кунад.

1.11. Бонк ҷамъияти саҳомии кушода мебошад, ки сармояи Оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шудааст. Соҳибони саҳмияҳо – саҳмдорон - аз рӯи ӯҳдадориҳои Бонк мусъулият надоранд ва эҳтимолияти зарари вобаста ба фаъолияти онро дар доираи арзиши саҳмияҳои ба онҳо тааллуқдошта ба зимма доранд.

1.12. Саҳмдорони Бонк шахсони ҳуқуқӣ ва (ё) шахсони воқеӣ буда метавонанд, ки иштироки онҳо дар сармояи оинномавии ташкилотҳои қарзӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудааст.

1.13. Бонк аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо тамоми молу мулки марбутааш масъул мебошад. Бонк аз рӯи ӯҳдадориҳои саҳмдорони худ ҷавобгар намебошад.

1.14. Бонк аз рӯи ӯҳдадориҳои давлат ва давлат аз рӯи ӯҳдадориҳои Бонк ҷавобгар намебошанд, ба истисноиҳолатҳое, ки онҳо чунин ӯҳдадориҳоро қабул карда бошанд.

1.15. Бонк аз рӯи ӯҳдадориҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯи ӯҳдадориҳои Бонк ҷавобгар намебошанд, ба истисноиҳолатҳое, ки онҳо чунин ӯҳдадориҳоро қабул карда бошанд.

1.16. Бонк ба мӯҳлати номаҳдуд таъсис дода шудааст.

1.17. Бонк ҳуқуқ дорад бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он суратҳисобҳои бонкӣ кушояд.

1.18. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти Бонк дахолат кунанд.

1.19. Бонк метовонад иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) ғайритиҷоратии ташкилотҳои карзиро таъсис диҳад ва/ё ба онҳо шомил гардад.

1.20. Бонк дар суроғаи URL: http://www.eskhata.com. дар шабакаи иттилоотии телекоммуникатсионии “Интернет” саҳифаи расмӣ дорад. Бо мақсади ҳолатҳои огоҳии ҳатмии кредиторони худ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, аз ҷониби Бонк ва/ё воҳидҳои алоҳидаи сохтории он ва/ё филиалҳои/намояндагиҳои он дар бораи ҳама гуна тағйирот ва ҳодисаҳо, Бонк чунин огоҳии кредиторонро тавассути интишор намудани огоҳиномаи дахлдор дар саҳифаи расмии худ амалӣ мекунад, ба истисноиҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин, қонунгузории давлати дахлдори хориҷӣ, тартиби дигари огоҳ намуданро пешбинӣ накарда бошанд.

## Боби 2. Мақсадҳо ва намуди фаъолияти Бонк

2.1. Мақсадҳои асосии фаъолияти Бонк:

– Мусоидат намудан ба афзоиши фаъолнокии сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– мусоидат ба ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкории хусусӣ;

– дастгирии соҳибкории хурд ва миёна, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди савдои чакана;

– ба даст овардани фоида аз истифодаи маблағҳои худ ва ҷалбшуда.

2.2. Барои ноил шудан ба мақсадҳои зикргардида, Бонк намудҳои асосии фаъолиятҳои зеринро амалӣ менамояд:

– маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро бо сомонӣ ва асъори хориҷӣ ҷалб менамояд, захираҳои қарзиро дар бозорҳои молиявии дохилӣ ва байналмилалӣ сафарбар менамояд;

– ҳисоббаробаркуниҳои мизоҷони худро вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратии онҳо ташкил ва анҷом медиҳад, ҳисоббаробаркуниҳоро бо ғайрирезидентҳо анҷом медиҳад, инчунин, дигар фаъолиятҳои бо қонун манънашударо амалӣ менамояд;

– қарздиҳӣ ба соҳибкории хурд ва миёнаро амалӣ менамояд;

– амалиёти қарздиҳиро вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва дигар намуди фаъолиятҳои мизоҷони Бонк анҷом медиҳад;

– мутобиқи иҷозатномаи аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон додашуда ҳама намуди хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод менамояд;

– хизматрасониҳои машваратиро дар соҳаи фаъолияти бонкӣ ва молиявӣ пешниҳод менамояд;

– мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар фаъолиятҳоро ба амал мебарорад;.

## Боби 3. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои Бонк

3.1. Бонк тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми ҳуқуқҳои шахси ҳуқуқӣ истифода мебарад, аз ҷумла, ҳуқуқ дорад:

а) дар фаъолияти худ бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин, бо намояндагони онҳо, давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмиллалӣ ҳамкориҳои тиҷоратиро ба роҳ монад;

б) аз номи худ ҳам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ, давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмиллалӣ, аҳдҳо ва дигар амалиётҳоро ба анҷом расонад;

в) ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ, соҳибмулк будан, иҷора гирифтан, соҳибӣ кардан, истифода ва ихтиёрдории ҳамаи намудҳои молу мулки манқул ва

ғайриманқул, ки барои фаъолияти Бонк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он, заруранд, ба даст орад;

г) грантҳо, ҳадяҳо ва дигар маблағҳои ройгони дода шударо бо ҳама гуна асъор ва дар шакли табиӣ барои рушди Бонк гирад ва ихтиёрдорӣ намояд;

д) меъёри фоизии қарзҳо, пасандозҳо (амонатҳо) ва подошпулии комиссиониро аз рӯи амалиётҳои бо тартиби пешбининамудаи шартномаҳо бо мизоҷон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар намояд;

е) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ ва хориҷӣ бо сомонӣ ва асъори хориҷӣ суратҳисоб кушояд;

ж) мувофиқи тартиб ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, ширкатҳои хоҷагидорӣ, ҷамъиятҳо ва дигар намудҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ таъсис диҳад ё ҳамчун иштирокчии онҳо баромад кунад;

з) мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва қонунгузории давлатҳои дахлдори хориҷӣ, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он филиал таъсис диҳад ва намояндагиҳо кушояд, ҷамъиятҳои фаръӣ таъсис диҳад;

и) берун аз маҳалли ҷойгиршавӣ ва филиалҳои Бонк (аз ҷумла идораҳои иловагӣ, марказҳои хизматрасонии бонкӣ, воҳиди сайёр ва ғайра) бо додани ҳуқуқи анҷом додани амалиётҳои алоҳидаи бонкӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дигар воҳидҳои сохторӣ кушояд;

к) фаъолияти эҳсонкорӣ ва сарпарастиро анҷом диҳад;

л) аз шахсони ҳуқуқии қарзгиранда мувофиқи тартиби муқарраршуда ҳисоботҳо, тавозунҳо ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи қобилияти пардохтии онҳоро талаб намояд;

м) аз қарзгирандагон тибқи тартиби муқаррargардида таъминоти қарзҳои пешниҳодшавандаро бо гарави молу мулки ғайриманқул ва манқул, аз ҷумла, қоғазҳои қиматнок, кафолатҳои бонкӣ ва дигар усулҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ё шартномаҳо талаб намояд;

н) мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати аз ҷониби қарзгир вайрон кардани уҳдадориҳо тибқи шартнома, инчунин, ҳангоми ошкор намудани ҳолаҳои таҳриф кардани ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ) ё саркашӣ кардан аз баҳисобгирии ҳисобҳои муҳосибӣ тибқи тартиби муқарраршуда, Бонк ҳуқуқ дорад минбаъд додани қарзро қатъ намояд, қарзҳои додашуда ва фоизҳои ҳисобшударо пеш аз муҳлат ситонад, агар он дар шартнома пешбинӣ шуда бошад, инчунин, аз молу мулки ба гарав гузошташуда ситонад;

о) гузаронидани экпертизаи мустақили лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва дигар лоиҳаҳоро, ки бо иштироки маблағҳои худӣ ва қарзӣ маблағгузорӣ мешаванд, талаб намояд;

п) дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба судҳои иқтисодӣ ва судҳои салоҳияти умумӣ, инчунин, дар хориҷа ба судҳои арбитражӣ ва судҳои салоҳияти умумӣ, тибқи салоҳияти онҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ариза ва даъво пешниҳод намояд, аз ҷумла, оид ба оғози парванда оид ба муфлисшавии шахсони ҳуқуқӣ, аз қарзгирандагон ситонидани қарзҳо аз рӯи шартномаҳои қарзӣ, барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намояд;

р) дар асоси шартномаҳо (созишномаҳо) аз дигар бонкҳо дар шакли пасандозҳо (амонатҳо) ва қарзҳо маблағҳоро ҷалб ва ҷойгир намояд;

с) ба воситаи марказҳои ҳисоббаробаркунӣ ва суратҳисобҳои муросилотие, ки ташкилотҳои қарзӣ тибқи тартиби муқарраршуда дар дигар ташкилотҳои қарзӣ кушодаанд, ҳисоббаробаркунӣ ва дигар амалиётҳои байнибонкиро, ки иҷозатнома барои фаъолияти бонкӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, анҷом диҳад;

т) сохтори дохилӣ ва принсипҳои идоракунии Бонкро муайян менамояд;

у) шакл, низом ва тартиби пардохти музди меҳнати кормандони Бонкро мустақилона муқаррар намояд, музди муҳнати кормандони Бонкро дар доираи музди меҳнати тасдиқнамудаи мақоми идоракунии Бонк муайян менамояд;

ф) тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини амнияти молу мулк ва сирри бонкӣ хадамоти махсуси худро таъсис диҳад, инчунин, силоҳ ва воситаҳои зарурии техникиро дастрас намояд ва истифода барад;

х) ҳуқуқҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ба ташкилотҳои қарзӣ додааст (пешбинӣ намудааст), амалӣ намояд;

3.2. Бонк уҳдадор аст:

а) қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;

б) сиёсати дохилии худро бо риояи ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии ҳавфҳо, қоидаҳои идоракунии хавфҳо, сиёсати сармоягузорӣ ва қарздиҳӣ, инчунин, дигар меъёрҳои мақбули танзими сармоя, дороиҳо, суратҳисобҳои ғайритавозунӣ ва захираҳоро пеш барад;

в) меъёрҳои мақбуле, ки Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар намудааст, риоя намояд;

г) кифоятии сармоя ва пардохтпазириро нигоҳ доранд;

д) фонди ҷуброни талафоти имконпазирро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил намояд;

е) назорати мукаммал ва самаронокро аз рӯи хавфҳо амалӣ намояд;

ж) барои иҷрои саривақтии уҳдадориҳо ва ҷуброни зарар захираи кофӣ дошта бошад;

з) бо мақсади кам кардани хавфҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон низоми худии идоракунии хавфҳо ва назорати дохилиро ташкил намояд;

и) дороиҳои худро вобаста аз хавфи зарар мураттаб созад;

к) нигоҳдории маблағҳои пулии худ ва дигар ашёи қиматбаҳои ба ихтиёр ва истифодаи ӯ додашударо таъмин намояд;

л) бо тартиб ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сирро (махфиятро) дар бораи амалиётҳо, суратҳисоб ва пасандозҳои мизоҷони худ, аз ҷумла, бонкҳои муросилотӣ (сирри бонкӣ), кафолат диҳад;

м) тибқи шаклҳои муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин, аз рӯи шаклҳои дар таҷрибаи байналмиллалии бонкӣ қабулшуда, ҳисоббаробаркуниро анҷом диҳад;

н) ба мизоҷон дар давоми соатҳои корие, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, хизмат расонад;

о) мувофиқи тартиби муққараршуда ҳисоботи оморӣ, молиявӣ ва муҳосибиро амалӣ ва пешниҳод намоянд;

п) дар бораи иҷрои ҳама гуна аҳд ва амалиёти шубҳаноки муштариёни (мизоҷони) худ (кӯшиши анҷом додани аҳд ва амалиёти шубҳанок) фавран ба мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом бо тартиби муқарраршуда хабар диҳад.

## Боби 4. Амалиётҳои бонкӣ ва дигар аҳдҳо

4.1. Бонк мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷозатномае, ки аз тарафи Бонкии миллии Тоҷикистон дода шудааст, метавонад амалиётҳои зерини бонкиро бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ анҷом диҳад:

а) ҷалби амонат ва пасандозҳо;

б) додани қарзҳо (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла:

– қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;

– факторинг;

– форфейтинг;

в) кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;

г) хариду фурӯши воситаҳои зерин барои худ ё мизоҷон:

– воситаҳои бозори пулӣ (аз ҷумла: чекҳо, векселҳо, ӯҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандозӣ);

– асъори хориҷӣ;

– саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматноки интиқолшаванда;

– қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу сангҳои қиматбаҳо ё қурби меъёрҳои фоизӣ дахл доранд;

д) додани кафолати бонкӣ, баҳисобгирии уҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла, кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён;

е) ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли маблағҳо, аз ҷумла, интиқоли маблағҳои электронӣ, барориш ва ё хизматрасонии воситаҳои пардохт, ба истиснои интиқолҳои почта;

ж) миёнаравӣ дар бозори пулӣ;

з) амалиёти сейфӣ, нигоҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо (пул, коғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра);

и) хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта (идоракунии маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва ғайра ба манфиати боварикунанда ва дар асоси супориши ӯ);

к) амалиёти кассавӣ: қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои қоғазӣ ва тангаҳо;

л) қабул намудан (инкассатсия) ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо;

м) ҳар гуна амалиёти дигаре, ки аз амалиёти дар банди мазкур зикршуда бармеоянд ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

4.2. Бонк амалиётҳои бонкиро, ки дар банди 4.1 Оинномаи мазкур зикр гардидааст, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, анҷом медиҳад.

4.3. Бонк, ғайр аз амалиёти бонкии дар банди 4.1 Оинномаи мазкур номбаршуда, ҳуқуқ дорад аҳдҳои зеринро анҷом диҳад:

а) додани замонат, ки иҷрои уҳдадориҳои пулиро дар назди шахси сеюм пешбинӣ менамояд;

б) иҷораи молиявӣ (лизинг);

в) амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г) пешниҳоди хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ;

д) пешниҳоди хизматрасонӣ ба сифати мушовир ё маслиҳатгари молиявӣ;

е) хизматрасониҳо оид ба пешниҳоди маълумоти молиявӣ ва қарзӣ;

4.4. Бонк ҳуқуқ дорад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар аҳдҳоро анҷом диҳад.

4.5. Бонк мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдории маблағҳои пулии худӣ ва дигар ашёи қиматбаҳои ба ихтиёр ва истифодаи ӯ додашударо таъмин менамояд. Бо ин мақсад Бонк ҳуқуқ дорад хадамотҳои махсус таъсис диҳад, инчунин, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи яроқ” силоҳ ва воситаҳои зарурии техникиро дастрас намуда, аз онҳо истифода барад.

4.6. Машғул шудани Бонк ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва бевосита ба фаъолияти суғурта манъ аст.

## Боби 5. Филиалҳо ва намояндагиҳо. Бонкҳо ва ҷамъиятҳои фаръӣ.

5.1. Бонк ҳуқуқ дорад тибқи тартиби муқаррааргардида дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо, дигар воҳидҳои сохторӣ (ба монанди марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуктаҳои хизматрасонии хазинавӣ) ва намояндагиҳо кушояд. Барои оғози фаъолияти филиалҳои худ Бонк бояд розигии Бонки миллии Тоҷикистонро гирад.

5.2. Маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои Бонк ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ворид карда мешавад.

5.3. Бонк, инчунин, бо розигии пешакии Бонки милии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад тибқи тартиби муқаррарнамуда, берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории давлати хориҷӣ дар маҳалли ҷойгиршавии филиал ва намояндагӣ, инчунин, мувофиқи шартномаҳои байналмиллалӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон баста ва тасдиқ (ратификатсия) шудаанд, филиалҳо ва намояндагиҳо таъсис диҳад.

5.4. Филиалҳо ва намояндагиҳои Бонк шахсони ҳуқуқӣ набуда, дар асоси низомномаи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори Бонк амал мекунанд. Филиалҳо ва намояндагиҳои Бонк аз номи Бонк фаъолиятро анҷом медиҳанд. Бонк аз рӯи фаъолиятҳои филиалҳо ва намояндагиҳои худ масъул мебошад.

5.5. Ба филиалҳо ва намояндагиҳо аз ҷониби Бонк молу мулк дода мешавад, ки дар тавозуни мустақили Бонк ба ҳисоб гирифта мешавад. Роҳбарони филиалҳо ва намояндагиҳо бо фармони Раиси Раёсати Бонк таъин карда мешаванд ва дар асоси низомнома ва ваколатномаҳои ба онҳо додашуда амал мекунанд. Роҳбарони филиалҳо, баъди аз санҷиши тахассусӣ гузаштанашон ва гирифтани розигии Бонки милли Тоҷикистон ба вазифа таъин карда мешаванд.

5.6. Бонк ҳуқуқ дорад тибқи тартиби муқаррааргардида, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷиксnúmитон ва берун аз ҳудуди он, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикиситон ва қонунгузории давлати хориҷӣ дар маҳалли ҷойгиршавии бонкҳои фаръӣ ва ҷамъиятҳои фаръӣ, инчунин, мувофиқи шартномаҳои байналмиллалӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷкистон баста ва тасдиқ (ратификатсия) шудаанд, бонкҳои фаръӣ ва ҷамъиятҳои фаръӣ таъсис диҳад.

5.7. Бонк доир ба тағйирот вабаста ба маҳалли ҷойгиршавӣ ё бастани филиал, намояндагӣ ё бонки фаръӣ ва ҷамъиятҳои фаръии худ, Бонки милии Тоҷикистонро хабардор мекунад.

5.8. Бонк дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, филиалҳо ва дигар воҳидҳои сохторӣ дорад ва метавонад пас аз ворид намудани маълумот дар бораи онҳо ба Оинномаи мазкур ва Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ кушояд: ш. Душанбе ва ноҳияҳои он (И. Сомонӣ, Фирдавсӣ, Сино, Шоҳмансур), шаҳрҳои Хуҷанд, Панҷакент, Бӯстон, Гулистон, Истаравшан, Истиқлол, Исфара, Конибодом, Бохтар, Левакант, Кӯлоб, Норак, Ваҳдат, Ҳисор, Роғун, Турсунзода, Хоруғ, ноҳияҳои Айнӣ, Ашт, Бобоҷон Ғафуров, Деваштич, Шаҳристон, Ҷаббор Расулов, Зафаробод Мастчоҳи кӯҳӣ, Мастчоҳ, Спитамен, Абдураҳмони Ҷомӣ, Балҷувон, Кӯшониён, Вахш, Восеъ, Данғара, Ёвон, Ҷалолиддини Балхӣ, Қубодиён, Ҷайхун, Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ, Мӯминобод, Носири Хусрав, Панҷ, Темурмалик, Фархор, Ховалинг, Хуросон, Дустӣ, Шаҳритуз, Шамсиддин Шоҳин, Варзоб, Ҷиргатол, Нуробод, Рашт, Рӯдакӣ, Тавилдара, Тоҷикобод, Файзобод, Шаҳринав.

5.9. Маълумоти муфассал дар бораи филиалҳо ва дигар воҳидҳои сохтории Бонк, аз ҷумла, маҳалли ҷойгиршавии онҳо, аз ҷониби Бонк дар сомонаи расмии он дар шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии “Интернет”: http://www.eskhata.com нашр карда мешавад.

## Боби 6. Сармояи оинномавии Бонк

6.1. Сармояи оинномавии пардохтшудаи Бонк 125 304 690 (яксаду бисту панҷ миллиону сесаду чор ҳозору шашсаду навад) сомониро ташкил медиҳад ва ба 544 803 (панҷсаду чилу чор ҳазору ҳаштсаду се) адад саҳмияҳои одии номӣ тақсим шудааст, бо арзиши номиналии ҳар як саҳмия 230 (дусаду сӣ) сомонӣ.

6.2. Сармояи оинномавии Бонк аз арзиши номиналии саҳмияҳои Бонк, ки саҳмдорон ба даст овардаанд, иборат аст. Сармояи оинномавии Бонк андозаи минималии молу мулки Бонкро, ки манфиати кредиторонро кафолат медиҳад, муайян мекунад.

6.3. Ҳаҷми сармояи оинномавии Бонк метавонад бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё баровардани саҳмияҳои иловагӣ зиёд карда шавад.

6.4. Қарор дар мавриди зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон қабул карда мешавад.

6.5. Саҳмияҳои иловагиро Бонк метавонад танҳо дар доираи миқдори саҳмияҳои эълоншуда пахн кунад. Қарори зиёд кардани сармояи оинномавии Бонкро бо роҳи пахн намудани саҳмияҳои иловагӣ, Маҷлиси умумии саҳмдорон метавонад ҳамзамон бо қабули қарори ба оинномаи мазкур ворид кардани муқаррарот оид ба саҳмияҳои эълоншуда, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабули чунин қарор заруранд ё тағйир додани муқаррарот оид ба саҳмияҳои эълоншуда қабул намояд.

6.6. Ҳамаи саҳмияҳои одии ба таври иловагӣ эълоншудаи Бонк, дар сурати пахн шудани онҳо, ба соҳибони (самҳдорони) худ ҳаҷми ҳуқуқҳои баробарро нисбати саҳмияҳои одие, ки аз ҷониби Бонк то лаҳзаи қабули қарор дар бораи пахн намудани саҳмияҳои иловагӣ пахн шудаанд, фароҳам меоваранд.

6.7. Дар қарор оид ба зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи пахн кардани саҳмияҳои иловагӣ бояд миқдори саҳмияҳои иловагии пахнкардашаванда дар доираи миқдори саҳмияҳои эълоншудаи ҳамин намуд (навъ), усули пахн кардан, нархи пахн кардани саҳмияҳои иловагӣ, ки тавассути обуна сурат мегирад ё тартиби муайян намудани он, аз

ҷумла, ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи афзалиятнок барои харидани саҳмияҳои иловагӣ, шакли пардохти саҳмияҳои иловагии тавассути обуна паҳнкардашаванда, инчунин, дигар шартҳои паҳн кардани саҳмия муайян карда шавад.

6.8. Зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи паҳн намудани саҳмияҳои иловагӣ метавонад аз ҳисоби молу мулки Бонк ба роҳ монда шавад. Зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи зиёд намудани арзиши номиналии саҳмияҳо танҳо аз ҳисоби молу мулки Бонк амалӣ карда мешавад.

6.9. Маблағе, ки бо он сармояи оинномавии Бонк аз ҳисоби молу мулки Бонк зиёд мегардад, набояд аз фарқи байни арзиши дороии софи Бонк, маблағи сармояи оинномавӣ ва сармояи захиравии Бонк зиёд бошад.

6.10. Ҳангоми зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк аз ҳисоби молу мулки он бо роҳи паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ, ин саҳмияҳо байни саҳмдорон тақсим карда мешаванд. Ҳамзамон ба ҳар саҳмдор мутаносибан баробари теъдоди саҳмияҳояш саҳмияҳои ҳамон намуд (навъ) тақсим карда мешавад.

6.11. Зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк пас аз пардохти пурраи он иҷозат дода мешавад.

6.12. Ҳаҷми сармояи оинномавии Бонк метавонад бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё кам кардани миқдори умумии онҳо ё дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ба даст овардани қисми саҳмияҳо кам карда шавад.

6.13. Қарор дар бораи кам кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи кам намудани арзиши номиналии саҳмияҳо ё бо роҳи харида гирифтани як қисми саҳмияҳо бо мақсади кам кардани миқдори умумӣ аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон қабул карда мешавад.

6.14. Бонк ҳуқуқ дорад саҳмияҳои паҳнкардашударо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷкистон ба даст орад.

6.15. Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк вазифадор аст, ки бо роҳи пардохтани арзиши саҳмияҳои зерин оид ба кам кардани сармояи оинномавӣ қарор қабул намояд:

а) саҳмияҳое, ки аз ҷониби Бонк бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон бо мақсади кам кардани миқдори умумии саҳмияҳо ба даст оварда шудаанд ва дар давоми як сол аз рӯзи ба даст овардани онҳо фурӯхта нашудаанд;

б) саҳмияҳое, ки аз ҷониби Бонк аз нав харида шудаанд ва дар давоми як сол аз лаҳзаи аз нав харидорӣ намудани онҳо фурӯхта нашудаанд.

6.16. Агар баъди ба итмом расидани соли дуюм ва ҳар як соли навбатии молиявӣ мутобиқи тавозуни солонаи муҳосибӣ, ки барои тасдиқ ба саҳмдорони Бонк пешниҳод шудааст ё мутобиқи натиҷаи тафтишҳои аудиторӣ арзиши дороиҳои софи Бонк камтар аз сармояи оинномавӣ бошад, Бонк вазифадор аст оид ба кам кардани сармояи оинномавии худ то ҳадде, ки аз арзиши дороиҳои софи он бештар нест, эълон кунад.

6.17. Аз уҳдадории пардохти арзиши саҳмияҳо озод кардани саҳмдори Бонк, инчунин, бо роҳи баҳисобгирии талаботи (даъвои) молумулкӣ аз ин уҳдадорӣ озод кардани ӯ роҳ дода намешавад.

6.18. Ташаккули сармояи оинномавии Бонк аз ҳисоби маблағҳои ғайрипулӣ бо тартиб ва дар доираи пешбинишудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

## Боби 7. Саҳмияҳои Бонк

7.1. Ҳамаи саҳмияҳои Бонк саҳмияҳои одии номӣ буда, дар шакли ғайриҳуҷҷатӣ бароварда мешаванд.

7.2. Шумораи паҳнкардашудаи саҳмияҳои одии номии ғайриҳуҷҷатии Бонк 544 803 (панҷсаду чилу чор ҳазору ҳаштсаду се) ададро ташкил медиҳад. Арзиши номиналии як саҳмияи одии номии Бонк 230 (дусаду сӣ) сомониро ташкил медиҳад.

7.3. Саҳмияи одии номӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳо дар Маҷлиси умумии саҳмдорон (ба истисноии ҳолатҳои гузаронидани овоздиҳии кумулятивӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст) як овоз медиҳад ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти фоидаи соф иштирок мекунад.

7.4. Дар сурати аз ҷониби Бонк паҳн кардани коғазҳои қиматноки ба саҳмияҳои намуди (навъи) муайян табдилшаванда миқдори эълонгардидаи саҳмияҳои ин намуд (навъ) бояд на камтар аз миқдоре бошад, ки барои табдил дар ҷараёни муҳлати муомилоти ин коғазҳои қиматнок заруранд. Бонк ҳуқуқ надорад оид ба тағйир додани ҳуқуқи ба саҳмияҳо додашуда, ки онҳо метавонанд ба коғазҳои қиматнок паҳнкардаи Бонк табдил карда шаванд, қарор қабул намояд.

7.5. Табдилдиҳии саҳмияҳои одӣ ба саҳмияҳои имтиёзнок, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматнок иҷозат дода намешавад.

## Боби 8. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои саҳмдорон

8.1. Саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои одии номии Бонк ҳуқуқ доранд:

а) дар Маҷлиси умумии саҳмдорон бо ҳуқуқи овоздиҳӣ аз рӯи ҳамаи масъалаҳое, ки ба салоҳияташон марбут мебошанд, иштирок намоянд ва нусхаи пайнавишти маҷлисҳоро талаб намоянд;

б) қисми даромади соф (суди саҳмияҳо)-ро, ки бояд байни саҳмдорон тақсим карда шавад, бо тартиби муқаррарнамудаи оинномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гиранд;

в) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми арзиши молу мулки Бонк, ки баъд аз барҳамдиҳии он боқӣ мондааст, гиранд;

г) саҳмияҳои худро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва оинномаи мазкур фурӯшанд (бегона кунанд);

д) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷкистон як қисми ҳуқуқҳое, ки саҳмия медиҳад, ба намояндаи (намояндагони) худ дар асоси ваколатнома супоранд;

е) нисбат ба қарори мақомоти Бонк, ки боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ мегардад, дар ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шикоят намоянд;

ж) бо тартиби судӣ ҳуқуқҳои худро ҳифз намоянд, ба суд барои ҳифзи манфиатҳои худ, саҳмдорон ва худи Бонк оид ба аҳдҳо, ки дар бастани онҳо манфиати шахсони дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" пешбинигардида вуҷуд дорад, муроҷиат намоянд;

з) дар ҳолатҳо ва тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷуброни зарари (зиёни) ба Бонк расонидашударо талаб намоянд;

и) аҳдҳои анҷомдодаи Бонкро тибқи асосҳои пешбининамудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва/ё Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" мавриди баҳс қарор диҳанд ва татбиқи оқибатҳои беэътибор будани онҳо, инчунин, татбиқи оқибатҳои беэътибор донистани аҳдҳои эътибор надоштаи Бонкро талаб намоянд;

к) ба феҳристи саҳмдорон дохил кардани сабтҳои дахлдори худ ва/ё тағйирдиҳии он ро талаб намояд ва иқтибосро аз феҳристи саҳмдорон гиранд;

л) дар ҳолатҳо ва тартиби пешбининамудаи қонун ва оинномаи Бонк, оид ба фаъолияти Бонк маълумот гиранд, бо ҳисоботҳои солонаи молиявӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои иловагии он шинос гарданд;

м) дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ, ки Оинномаи мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин, қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмдорон пешбинӣ намудаанд, амалӣ намояд.

8.2. Саҳмдоре (саҳмдороне), ки соҳиби (дар маҷмуъ соҳиби) на камтар аз 2 фоизи саҳмияҳои овоздори Бонк мебошанд, тибқи мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи баъди ба анҷом расидани соли молиявии Бонк, ҳуқуқ доранд ба рӯзномаи Маҷлиси солонаи умумии саҳмдорон масъалаҳоро дохил намоянд ва номзадҳоро ба Шӯрои нозирони Бонк пешниҳод намоянд.

8.3. Саҳмдоре (саҳмдороне), ки соҳиби (дар маҷмуъ соҳиби) на камтар аз 10 фоизи саҳмияҳои овоздори Бонк мебошанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд аз Шӯрои нозирони Бонк талаб намояд, ки Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорони Бонкро доир гардонанд, инчунин, дар ҳолати агар Шӯрои нозирони Бонк дар бораи даъват намудани Маҷлиси умумии ғайринавбати саҳмдорон қарор қабул накарда бошанд ё дар бораи рад кардани даъвати он қарор қабул карда бошанд, ҳуқуқ доранд ба суд бо талаби маҷбур намудани Бонк барои гузаронидани Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорон муроҷиат намояд.

8.4. Саҳмдор (саҳмдорон), ки соҳиби (дар маҷмуъ соҳиби) на камтар аз 1 фоизи саҳмияҳои овоздори Бонк мебошад, ҳуқуқ дорад бо даъво нисбати аъзои Шӯрои нозирон, Раиси Раёсат, аъзои Раёсати Бонк дар мавриди ҷуброни зараре, ки аз амали (беамалии) гунаҳкоронаашон ба Бонк расидааст, агар дигар асосҳо ё андозаи масъулият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашуда бошад ба суд муроҷиат намояд.

8.5. Саҳмдор ҳуқуқ дорад ҳар вақт гузаронидани санҷиши аудитории фаъолияти Бонкро талаб намояд. Чунин аудит аз ҳисоби саҳмдоре, ки онро талаб намудааст, гузаронида мешавад.

8.6. Бонк аз рӯи талаботи саҳмдор (саҳмдорон) уҳдадор аст, ки тамоми ё як қисми саҳмияҳои ба ӯ (онҳо) тааллуқдоштаро дар ҳолатҳои зайл аз нав харида гирад:

8.6.1. азнавташкилдиҳии Бонк ё анҷом додани аҳди калоне, ки қарори маъқул донистани он дар Маҷлиси умумии саҳмдорон мутобиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" қабул карда мешавад, агар онҳо зидди қабули қарори азнавташкилдиҳӣ ё анҷом додани аҳди зикршуда овоз дода бошанд ё дар овоздиҳӣ вобаста ба ҳамин масъала иштирок накарда бошанд;

8.6.2. ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи Бонк ё тасдиқи оинномаи Бонк дар таҳрири нав, ки ҳуқуқҳои онҳоро маҳдуд месозад, агар онҳо зидди қабули чунин қарор овоз дода бошанд ва ё дар овоздиҳӣ иштирок накарда бошанд.

Харида гирифтани саҳмияҳои Бонк бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

8.7. Саҳмдорон уҳдадоранд:

а) саҳмияҳои ба даст овардашударо тибқи тартиб дар муҳлат ва усулҳои пешбининамудаи қарори барориши онҳо, пардохт намоянд;

б) талаботи Оинномаи мазкур ва қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмдоронро иҷро намоянд;

в) махфиятро оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти Бонк, аз ҷумла дар давоми се соли баъди аз ҳайати саҳмдорони Бонк баромадан, ба истиснои маълумоти махфии марбут ба сирри бонкие, ки муҳлати нигаҳдории онҳо номаҳдуд ҳисобида мешавад, нигоҳ доранд;

г) сари вақт маълумотеро, ки барои ворид намудани маълумот ба Феҳристи саҳмдорон зарур мебошанд, пешниҳод намоянд;

д) уҳдадориҳое, ки нисбат ба Бонк ва дигар саҳмдорон ба зимма гирифтаанд, иҷро кунанд;

е) ба Бонк дар пешбурди фаъолияти он мусоидат намоянд;

ж) Бонкро дар бораи тағйир додани суроғаи худ огоҳ созанд;

з) дар қабули қарорҳои корпоративӣ, ки бе онҳо Бонк фаъолияти худро мувофиқи қонун давом дода наметавонад, иштирок намояд, агар иштироки он ҷиҳати қабули чунин қарор зарур бошад;

и) амалеро, ки дидаву дониста ба расонидани зарар ба Бонк равона карда шудааст, содир накунанд;

к) амалҳое (беамалиҳое)-ро, ки барои расидан ба ҳадафҳои таъсисии Бонк, ба таври назарас мушкил ё имконнопазир мегардонанд, содир накунанд;

л) дигар уҳдадориҳоро низ, ки дар Оинномаи мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, инчунин, қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмдорон, ки мутобиқи салоҳияташ қабул шудаанд, иҷро намоянд.

## Боби 9. Бегона кардани саҳмияҳо аз ҷониби саҳмдорони Бонк

9.1. Саҳмдорон ҳуқуқ доранд саҳмияҳои худро бе розигии дигар саҳмдорони Бонк бегона кунанд.

9.2. Аҳдҳо оид ба бегона кардани саҳмияҳои Бонк тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, талабот оид ба ҳиссаи афзалиятноки Бонк, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, амалӣ карда мешавад.

## Боби 10. Вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматноки эмиссионии Бонк

10.1. Бонк ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вомбаргҳо паҳн кунад.

10.2. Вомбаргҳо аз ҷониби Бонк бо қарори Шӯрои нозирони Бонк паҳн карда мешаванд, ба истиснои вомбаргҳои ба саҳмияҳо табдилшаванда, ки бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон аз ҷониби Бонк паҳн карда мешаванд.

10.3. Вомбаргҳо бояд дорои арзиши номиналӣ бошанд. Арзиши номиналии ҳамаи вомбаргҳои баровардаи Бонк набояд аз ҳаҷми сармояи оинномавии Бонк ё ҳадди таъминоти ба Бонк барои мақсадҳои барориши вомбаргҳо фароҳамовардаи шахсони сеюм бештар бошад.

10.4. Бонк метавонад вомбаргҳои дорои мӯҳлати яквақта ё вомбаргҳои дорои мӯҳлати пардохт аз рӯи силсиларо дар санаҳои муайян ҷойгир кунад. Пардохти вомбаргҳо метавонад дар шакли пулӣ ё молу мулки дигар мувофиқи қарор дар бораи барориши онҳо анҷом дода шавад.

10.5. Бонк ҳуқуқ дорад имконияти пеш аз мӯҳлат пардохти арзиши вомбаргҳоро бо хоҳиши соҳиби онҳо пешбинӣ намояд. Зимнан дар қарори барориши вомбаргҳо бояд арзиши пардохт ва мӯҳлате, ки пештар аз он вомбаргҳо барои пардохти пеш аз мӯҳлат пешниҳод шуда наметавонанд, муайян гардад.

10.6. Дар қарори барориши вомбаргҳо бояд тарз, мӯҳлат ва дигар шартҳои пардохти арзиши вомбаргҳо муайян карда шаванд.

10.7. Агар миқдори саҳмияҳои намуд ва навъҳои муайяни эълоншудаи Бонк нисбат ба миқдори чунин намуд ва навъе, ки ҳуқуқи ба даст овардани онҳоро чунин вомбаргҳо фароҳам меоваранд, камтар бошад, Бонк ҳуқуқ надорад вомбаргҳои ба саҳмияҳои Бонк табдилшавандаро паҳн кунад.

10.8. Нархи вомбаргҳои Бонк, ки бо роҳи обуна паҳн карда мешаванд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон муайян карда мешавад ва набояд аз арзиши номинали онҳо пасттар бошад. Нархи вомбаргҳои ба саҳмия табдилшавандаи Бонк, ки бо роҳи обуна паҳн карда мешаванд, тибқи қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон муайян карда мешавад ва он набояд аз арзиши номиналии саҳмияҳо пасттар бошад. Нархи ба саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ пахн кардани вомбаргҳои ба саҳмия табдилшаванда ҳангоми бо ҳуқуқи афзолиятнок ба даст овардани чунин вомбаргҳо метавонад аз нархи паҳнкунии онҳо барои шахсони дигар пасттар, вале на бештар аз 10 фоиз бошад.

10.9. Ҳаҷми подоши миёнарав, ки дар паҳн кардани вомбаргҳо тавассути обуна иштирок намудааст, набояд бештар аз 10 фоизи нархи паҳн кардани ин қоғазҳои қиматнок бошад.

10.10. Бонк ҳуқуқ дорад тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар қоғазҳои қиматноки эмиссионӣ паҳн кунад.

10.11. Шахсони дорои ҳуқуқи афзалиятнок барои ба даст овардани вомбаргҳои ба саҳмияҳо табдилшаванда ва дигар қоғазҳои қиматноки эмиссионӣ мебошанд, бояд дар бораи имкони татбиқи ҳуқуқи афзалиятноки онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ карда шаванд.

10.12. Вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои қиматноки эмиссионии Бонк, ки бо роҳи обуна паҳн карда мешаванд, бо шарти пардохти арзиши пурраи онҳо паҳн карда мешаванд. Пардохти вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои қиматноки эмиссионӣ метавонанд бо воситаҳои пулӣ ё иваз ба дигар молу мулк ба амал бароварда шавад.

## Боби 11. Феҳристи саҳмдорон

11.1. Феҳристи саҳмдорони Бонк аз ҷониби дорандаи феҳрист – иштирокчии касбии бозори қоғазҳои қиматнок нигоҳ дошта ва пеш бурда мешавад.

11.2. Дорандаи феҳрист фаъолияти худро дар асоси шартнома, ки бо Бонк баста мешавад, амалӣ менамояд. Бонк ҳангоми интихоби дорандаи феҳрист, тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.

11.3. Дар феҳристи саҳмдорони Бонк маълумот дар бораи саҳмдорон, миқдор ва намуди (навъи) саҳмияҳо, ки ба номи саҳмдорон сабт шудааст, инчунин, дигар маълумоти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карда мешавад.

11.4. Дорандаи феҳрист сабтҳоро ба феҳристи саҳмдорони Бонк, ки ба саҳмияҳо гузаштани ҳуқуқи моликиятро собит месозад, вогузоштани ҳуқуқ ба саҳмияҳо аз ҷониби соҳиби он ба дорандаи номиналӣ (ва амалиёти мутақобила), ба замонат додани саҳмияҳо ё қатъи замонат, табдили вомбаргҳо ба саҳмияҳо, инчунин, дигар тағйирот бо талаби саҳмдор ё дорандаи номиналии саҳмияҳо бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ворид мекунад.

11.5. Дорандаи феҳрист бо талаби саҳмдор ё дорандаи номиналии саҳмияҳо вазифадор аст ҳуқуқи ӯро ба саҳмияҳо бо додани нусхаи сабт аз феҳристи саҳмдорони Бонк, ки қоғази қиматнок намебошад, тасдиқ намояд.

## Боби 12. Тақсимоти фоидаи Бонк

12.1. Бонк дар масъалаҳои тақсим намудани фоидаи соф мустақилияти комили иқтисодӣ дорад. Бонк вазифадор аст дар як сол на кам аз як маротиба (метавонад ҳар семоҳа

ё нимсола) оид ба пардохти (эълони) суди саҳмияҳо аз рӯи саҳмияҳои паҳнкардашуда қарор қабул кунад. Суди саҳмияи эълонгардида аз рӯи ҳар намуди саҳмия пардохт карда мешавад.

12.2. Фоидаи софи Бонк тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян карда мешавад. Фоидаи софи Бонк дар ихтиёри Бонк мемонад ва бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон ба захираҳо гузаронида мешавад, барои ташаккули дигар фондҳои Бонк равон карда мешавад, дар байни саҳмдорон дар шакли суди саҳмияҳо тақсим карда мешавад ва ба дигар мақсадҳо, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, равон карда мешавад.

12.3. Суди саҳмияҳо аз фоидаи софи Бонк бо пули миллӣ пардохта мешавад.

12.4. Қарор дар бораи пардохти (эълони) суди саҳмияҳо аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон қабул карда мешавад. Дар қарори зикршуда бояд андозаи суди саҳмияҳо ва санаи муайян намудани шахсони дорои ҳуқуқи гирифтани суди саҳмияҳо муайян карда шаванд. Ҳамзамон, қарор дар бораи муқаррар намудани санаи муайян намудани шахсони дорои ҳуқуқи гирифтани суди саҳмияҳо танҳо бо пешниҳоди Шӯрои нозирони Бонк қабул карда мешавад. Андозаи суди саҳмияҳо набояд аз андозаи суди сухмияҳо, ки Шӯрои нозирони Бонк тавсия кардааст, зиёд бошад.

12.5. Маҷлиси умумии саҳмдорон, метавонад дар бораи пардохти (эълони) суди саҳмияҳо аз рӯи ҷамъбасти семоҳаи якум, шаш моҳ (нимсола), семоҳаи сеюми соли молиявӣ ва (ё) натиҷаҳои соли молиявӣ қарор қабул кунад.

12.6. Рӯйхати шахсоне, ки барои гирифтани суди саҳмияҳо ҳуқуқ доранд, дар санаи таҳияи рӯйхати шахсоне, ки барои иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқ доранд, тартиб дода мешавад.

12.7. Суди саҳмияҳо ба шахсоне пардохт карда мешавад, ки онҳо дар анҷоми рӯзи амалиётии санае, ки дар он мутобиқи қарор оид ба пардохти суди саҳмияҳо шахсони дорои ҳуқуқи гирифтани суди саҳмияҳо муайян мегардад, соҳиби саҳмияҳои намуди (навъи) дахлдор буданд, мувофиқи қонунгузорӣ ҳуқуқҳоро аз рӯи ин саҳмияҳо амалӣ менамоянд.

12.8. Бонк ҳуқуқ надорад дар ҳолатҳои зайл оид ба пардохти (эълони) суди саҳмияҳо аз рӯи саҳмияҳо қарор қабул кунад:

- то пурра пардохтани сармояи оинномавии Бонк;
- агар дар рӯзи қабули чунин қарор Бонк мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муфлисшавӣ дорои аломатҳои муфлисӣ бошад ё агар дар натиҷаи пардохти суди саҳмияҳо аломатҳои зикршуда дар Бонк ба мушоҳида расанд;
- агар қабули қарор боиси риоя нагардидани меъёри кифоятии сармояи аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррарнамуда гардад;
- агар дар рӯзи қабули чунин қарор арзиши дороии софи Бонк аз сармояи оинномавӣ ва фонди захиравии он камтар бошад ё ҳаҷми онҳо дар натиҷаи қабули чунин қарор камтар гардад;

– то харида гирифтани ҳамаи саҳмияҳо, ки бояд дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз саҳмдорон харида шаванд;

– дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

12.9. Бонк ҳуқуқ надорад суди саҳмияҳои эълоншударо аз рӯи саҳмияҳо дар ҳолатҳои зайл пардозад;

- то пурра пардохт намудани тамоми сармояи оинномавии Бонк;

- агар дар рӯзи пардохт Бонк ба аломатҳои муфлисшавӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муфлисшавӣ дучор шавад ё ин нишондиҳандаҳо дар натиҷаи пардохти суди саҳмияҳо дар Бонк пайдо шаванд;

- агар чунин амал боиси риоя нагардидани талаботи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба меъёри кифоятии сармоя гардад;

- агар дар рӯзи пардохт арзиши дороии софи Бонк аз сармояи оинномавӣ ва сармояи захиравии он камтар бошад ё дар натиҷаи пардохти суди саҳмияҳо аз маблағи мазкур камтар гарадад;

- дар дигар ҳолатҳои пешбининамуди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

12.10. Дар сурати қатъ гардидани ҳолатҳои дар банди 12.9 Оинномаи мазкур зикргардида, Бонк вазифадор аст суди саҳмияҳои эълоншударо ба саҳмдорон дар муҳлати на дертар аз 30 рӯзи баъди қатъ гардидани ин ҳолатҳо пардохт кунад.

12.11. Суди саҳмияҳо аз рӯи саҳмияҳое, ки Бонк бо асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардааст ё харида гирифтааст, ҳисобу пардохт карда намешаванд.

12.12. Бонк вазифадор аст сари вақт ба мақомоти андоз ва дигар мақомотҳои танзимкунанда тавозун, ҳисобот ва дигар маълумотҳои заруриро, ки барои санҷиши дурусти ҳисобот ва пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, сари вақт супоридани андоз тибқи тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд, пешниҳод намояд.

## Боби 13. Фондҳои Бонк

13.1. Бонк тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фонди захиравӣ ва фонди рушди Бонкро ташаккул медиҳад.

13.2. Ҳаҷми фонди захиравии Бонк 10 (даҳ) фоизро аз ҳаҷми сармояи софи асосӣ дар аввали соли тақвимӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми ҳиссаҷудокунии ҳарсола ба фонди захиравӣ аз ҷониби Маҷлиси солонаи умумии саҳмдорон муайян карда мешавад. Фонди захиравии Бонк, ҳангоми мавҷуд набудани дигар маблағҳо, барои рӯйпӯши зарари он, инчунин, барои пардохтани арзиши вомбаргҳои Бонк ва аз нав харидани саҳмияҳои Бонк муқаррар гардидааст. Фонди захиравӣ ба мақсадҳои дигар истифода бурда намешавад.

13.3. Фонди рушди Бонк бо қарори Маҷлиси солонаи умумии саҳмдорон бо роҳи ҳиссаҷудокунии ҳарсола аз фоидаи софи Бонк, боқимонда пас аз: ташаккул додани фонди захиравии Бонк, тақсим дар шакли суди саҳмияҳо байни саҳмдорон ва барои дигар мақсадҳо

мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул дода мешавад. Андозаи ҳиссаҷудокунии ҳарсола аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон муайян карда мешавад. Тартиби истифодаи Фонди рушди Бонк дар ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк муқаррар мегардад. Маблағҳои фонди рушди Бонк метавонанд ба дигар фондҳои Бонк бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон аз нав тақсим карда шаванд.

13.4. Бонк ҳуқуқ дорад тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар фондҳоро ташаккул диҳад.

## Боби 14. Таъмини манфиатҳои мизоҷон

14.1. Бонк нигоҳдории маблағ ва дигар сарватҳои аз тарафи мизоҷ ва муросилони худ ба вай бовар карда супоридаро таъмин менамояд. Нигоҳдории онҳо аз ҳисоби тамоми молу мулки манқул ва ғайриманқули Бонк, фондҳои пулӣ ва захиравӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур таъсис дода шудаанд, инчунин тадбирҳое, ки Бонк тибқи тартиби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон барои таъмини устувори вазъи молиявии Бонк ва пардохтпазирии он меандешад, кафолат дода мешавад.

14.2. Бонк омода аст, ки уҳдадориҳои ба худ қабулкардаро сари вақт ва пурра тавассути ба танзим даровардани сохтори тавозуни худ тибқи меъёрҳои ҳатмии муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, ки инҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзӣ пешбинӣ шудаанд, иҷро намояд.

14.3. Бонк як қисми маблағҳои ҷалбшударо дар захираҳои ҳатмӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷм ва бо тартиби муқаррарнамудаи он ба нигоҳдорӣ мегузорад, инчунин, тибқи қоидаҳо ва меъёрҳои Бонки миллии Тоҷикистон фондҳо ва захираҳои суғуртавиро ташаккул медиҳад.

14.4. Маблағҳо ва дигар сарватҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъиеро, ки дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо қарор доранд ё дар Бонк нигоҳдорӣ мешаванд, инчунин, бақияи маблағҳои электрониро танҳо дар мавридҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳабс кардан ё ситонидан мумкин аст.

14.5. Бонк ба мизоҷон ва муросилони худ махфӣ нигоҳ доштани сирри бонкиро, ки маълумоти зеринро дар бар мегирад, кафолат медиҳад: (а) дар бораи мавҷудияти суратҳисобҳои бонкӣ ва воситаҳои пардохтӣ, соҳибон ва дорандагони онҳо, дар бораи маблағҳои пулии дар онҳо мавҷуда ва амалиёти бо ин суратҳисобҳо ва воситаҳои пардохтӣ иҷрошавандаи муштариён; (б) дар бораи интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоб ва дар бораи фиристонандагони (гирандагони) онҳо; ва (в) дар бораи маблағҳои пулӣ ва ашёи қиматбаҳои муштарӣ, ки дар Бонк нигоҳ дошта мешаванд.

14.6. Ҳуҷҷатҳо, тафсилот ва маълумотеро, ки сирри бонкии мизоҷон ва муросилонро дар бар мегиранд, ба шахсони сеюм Бонк танҳо дар ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

14.7. Ҳамаи шахсони роҳбарикунанда, кормандон ва намояндагони амалкунанда ё собиқи Бонк, саҳмдорон ва намояндагони онҳо, аудиторҳо вазифадоранд, ки сирри бонкӣ ва тиҷоратии Бонкро риоя намоянд. Номгӯи маълумоте, ки сирри тиҷоратии Бонкро ташкил медиҳад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ карда мешавад.

14.8. Маълумоти дар раванди фаъолияти Бонк бунёдшуда, бадастомада ва ҷамъшуда инчунин, дигар маълумоте, ки дар Бонк дар ҳомилҳои коғазӣ, магнитӣ ва дигар ҳомилҳо нигоҳ дошта мешаванд ва тибқи тартиби муқарраршуда ба сирри тиҷоратӣ тасниф шудаанд, набояд дар ҳар шакл бе розигии шахсони мансабдори ваколатдори Бонк фурӯхта, таҳвил, нусхабардорӣ, такрористеҳсолкунӣ, иваз ва бо дигар роҳ паҳн ва зиёд карда шаванд.

14.9. Тартиби кор бо маълумоти ба сирри тиҷоратии Бонк таснифгардида ва ҷавобгариро барои вайронкунии тартиби кор бо он, Шӯрои нозирони Бонк муқаррар менамояд.

## Боби 15. Баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии Бонк

15.1. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар Бонк мутобиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин, стандартҳои байналмилалӣ ва миллии ҳисоботи молиявӣ амалӣ карда мешавад.

15.2. Соли молиявии Бонк аз 1 январ оғоз гардида, 31 декабр ба анҷом мерасад.

15.3. Бонк ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ маълумоти заруриро барои андозбандӣ ва нигоҳдории низоми умумидавлатии ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти иқтисодӣ пешниҳод менамояд. Бонк дар баробари ҳисоботи молиявӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумот оид ба дороӣ ва уҳдадориҳо, риояи меъёрҳои мақбул, суратҳисобҳо ва нишондиҳандаҳои молиявӣ, ҳисоботи оморӣ ва дигар иттилоти зарурӣ, ки Бонки миллии Тоҷикистон талаб мекунад, пешниҳод мекунад.

15.4. Бонк маълумоти марбут ба барориши коғазҳои қиматноки худро оид ба ҳаҷм, муҳлат ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми давлатии танзими бозори коғазҳои қиматнок, нашр мекунад.

15.5. Натиҷаҳои фаъолияти Бонк дар тавозуни муҳосибии моҳона, семоҳа ва солона, ҳисоботи натиҷаҳои молиявӣ, инчунин, дар ҳисоботи молиявии солона, ки аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ санҷида мешавад ва ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мешавад (якҷоя бо хулоса ва тавсияҳои ташкилоти аудиторӣ) ва дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун ба омма интишор карда мешавад, инъкос карда мешаванд.

15.6. Бонк ҳисоботи молиявии худро, ки аз тавозун, ҳисобот дар бораи фоидаву зарар, ҳисобот дар бораи гардиши пулӣ ва ҳисобот дар бораи тағйирот дар сармоя иборат мебошад, мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоби молиявӣ ва талаботи иловагии Бонки миллии Тоҷикистон омода мекунад. Ҳисоботи молиявӣ бояд ҳолати аслии молиявии Бонк ва филиалҳои онро инъикос намояд ва бояд маълумот оид ба сохтори дохилии идоракунии хавфҳои Бонкро дар бар гирад.

15.7. Ҳисоботи солонаи молиявии Бонк аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон, пас аз гузаронидани аудити беруна, ки аз ҷониби ташкилоти аудиторӣ ва ирсол намудан ба Бонки миллии Тоҷикистон, тасдиқ карда мешавад.

15.8. Бонк бо мақсади татбиқи сиёсати давлатии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва андозӣ ҳифз, ба тартиби дуруст даровардан, нигоҳдории дарозмуддат ва истифодабарии (додани маълумотнома бо дархости шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) ҳуҷҷатҳо оид ба амалиётҳои Бонк ва ҳайати кормандонро таъмин менамояд, аз ҷумла он ҳуҷҷатҳое, ки дар шакли электронӣ нигоҳ

дошта мешавад. Ҳуҷҷатҳо оид ба амалиёти бонкӣ ва ҳайати кормандони Бонк дар бойгонии мутамаркази Бонк бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии дохилии Бонк нигоҳ дошта мешаванд. Таркиби ҳуҷҷатҳо ва муҳлати нигоҳдории онҳо тибқи рӯйхате, ки бо тартиби мувофиқашуда муқаррар шудааст, муайян карда мешавад. Нобудкунии ҳуҷҷатҳо пас аз гузаронидани санҷиш оиди гузаштани муҳлати меъёрии нигоҳдорӣ дар асоси санадҳои аз ҳисоб баровардани онҳо, ки ба таври дахлдор тартиб ва мувофиқа шудаанд, сурат мегирад.

15.9. Бонк ҳуҷҷатҳо ва сабтҳои зеринро аз рӯи ҳар як аҳд ба муҳлати на кам аз панҷ сол пас аз анҷом ёфтани муносибатҳои корӣ нигоҳ медорад: (а) маълумоти мушаххасшуда оид ба муштарӣ; (б) дархост ва ҳамаи ҳуҷҷатҳо оид ба аҳдҳо (аз ҷумла, созишномаҳои қарзӣ ва қафолатҳои таъминшуда) ва қарорҳои Бонк дар бораи маъқул донистани онҳо; (в) сабти аҳдҳо бо шарикон (аз ҷумла, кредитор, дебитор ва кафилон) ва ҳар гуна гувоҳномаҳои дигари ҳуҷҷатӣ, ки барои маъқул донистани ин аҳдҳо асос шудааст; (г) ҳуҷҷатҳо оид ба кушодани суратҳисобҳои бонкии онҳо; (д) дигар ҳуҷҷатҳое, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ муқаррар кардааст. Сабтҳо дар шакли хаттӣ анҷом дода мешаванд. Бонк метавонад сабтҳо, китобҳои ҳисобдорӣ, ҳисобот, мукотибот (мактубҳо), интиқолҳои телеграфӣ, огоҳиномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба фаъолияти молиявии он дахлдоштаро дар шакли мухтасар (микрофилм, дигар шаклҳои электронии нигоҳдории ҳуҷҷатҳо ва ғайра) ба ҷои нусхаи асл ба муҳлати муқарраркардаи қонун тавре нигоҳ дорад, ки низоми мувофиқ ва қоидаҳои пурра барқарорсозии маълумот дар ҳамон ҷой вуҷуд дошта бошанд. Ин гуна нусхаҳои мухтасар баробари нусхаи асл эътибор доранд.

## Боби 16. Мақомоти идоракунии Бонк

16.1. Идоракунии Бонк тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур амалӣ карда мешавад.

16.2. Идоракунии Бонк аз ҷониби мақоми зерин анҷом дода мешавад:

- Мақоми олӣ – Маҷлиси умумии саҳмдорон;
- Мақоми идора – Шӯрои нозирон;
- Мақоми иҷроия – Раёсат ва Раиси Раёсат;

## Боби 17. Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк

17.1. Малҷиси умумии саҳмдорон мақоми олии идоракунии Бонк мебошад. Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк фаъолияти худро мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”, Оинномаи мазкур, инчунин, ҳуҷҷатҳои дохилӣ – Низомнома оид ба Маҷлиси умумии саҳмдорон, ки Маҷлиси умумии саҳмдорон тасдиқ кардааст, амалӣ менамояд.

17.2. Ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон масъалаҳои зерин мансубанд:

17.2.1. ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Бонк ё тасдиқ намудани он дар таҳрири нав;

17.2.2. азнавташкилдиҳии ихтиёрии Бонк;

17.2.3. барҳамдиҳии Бонк, таъини комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи тавозуни фосилавӣ ва ниҳоии барҳамдиҳӣ;

17.2.4. муайян намудани шумораи аъзоёни Шӯрои нозирони Бонк, интихоби аъзоёни он ва пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколатҳои онҳо;

17.2.5. муайян намудани миқдор, арзиши номиналӣ, намуди (навъи) саҳмияҳои эълоншуда, вомбаргҳо ва ҳамчунин, ҳуқуқҳое, ки ба ин саҳмияҳо ва вомбаргҳо дода шудааст;

17.2.6. зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё бо роҳи паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ;

17.2.7. кам кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо, бо роҳи як қисми ин саҳмияҳоро бо мақсади кам кардани микдори умумии онҳо харидани Бонк, инчунин, бо роҳи пардохти арзиши саҳмияҳои ба дастоварда ё азнавхаридаи Бонк;

17.2.8. тасдиқи ташкилоти аудитории Бонк ва подошпулии он;

17.2.9. тасдиқи ҳисоботи солона, ҳисоботи муҳосибӣ, аз ҷумла ҳисоб дар бораи фоида ва зарари (ҳисоби даромад ва зарар) Бонк;

17.2.10. тақсими фоида, аз ҷумла, пардохти (эълон) суди саҳмияҳо ва товони зарари Бонк аз рӯи натиҷаҳои соли молиявӣ;

17.2.11. тасдиқи дастури кории Маҷлиси умумии саҳмдорон;

17.2.12. қабули қарор ҷиҳати маъқул донистани аҳди калон, ки мавзӯи он молу мулке мебошад, ки арзишаш аз 30 то 50 фоизи арзиши тавозунии дороии Бонкро ташкил медиҳад;

17.2.13. қабули қарор ҷиҳати маъқул донистани аҳди калон, ки мавзӯи он молу мулке мебошад, ки арзишаш зиёда аз 50 фоизи арзиши тавозунии дороии Бонкро ташкил медиҳад;

17.2.14. қабули қарор оид ба маъқул донистани аҳдҳое, ки дар анҷом додани онҳо манфиатдории саҳмдор (саҳмдорон) мавҷуд аст, дар ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”;

17.2.15. қабули қарор дар бораи аз ҷониби Бонк харидани саҳмияҳои паҳнкардашуда дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”;

17.2.16. қабули қарор дар бораи иштироки Бонк дар таъсис ё фаъолияти дигар шахсони ҳуқуқӣ бо тартиб ва дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи супурдани як ё якчанд қисми дороиҳо ба маблағе, ки дар маҷмуъ 25 фоиз ё бештари ҳамаи дороиҳои Бонкро ташкил медиҳад;

17.2.17. тасдиқи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, инчунин, дигар ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, ки тасдиқи онҳо мутобиқи Оинномаи мазкур ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон вогузор шудаанд, ба истиснои ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, ки тасдиқи онҳо тибқи Оинномаи мазкур, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба салоҳияти Шӯрои нозирони Бонк ва Раёсати Бонк вогузор шудаанд;

17.2.18. аз ҷониби Бонк панҳ намудани вомбаргҳои ба саҳмияҳо табдилшаванда;

17.2.19. аз ҷониби Бонк паҳн намудани саҳмияҳои одӣ, ки беш аз 25 фоизи саҳмияҳои одии қаблан паҳнкардаро ташкил медиҳад;

17.2.20. аз ҷониби Бонк паҳн намудани вомбаргҳое, ки метавонанд ба саҳмияҳои одие, ки беш аз 25 фоизи саҳмияҳои одии қаблан паҳнкардашударо ташкил медиҳанд, табдил дода шаванд;

17.2.21. ташаббус зоҳир намудани санҷиши (аудити дохилии) фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории Бонк;

17.2.22. муттаҳидсозии саҳмияҳои паҳнкарда ё эълоншудаи Бонк;

17.2.23. тақсим намудани саҳмияҳои паҳнкардаи Бонк;

17.2.24. қабули қарор оид ба дигар масъалаҳое, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон мансубанд.

Масъалаҳои марбут ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк наметавонанд ҷиҳати ҳал ба мақоми иҷроияи Бонк супорида шаванд.

17.3. Маҷлиси умумии саҳмдорон солона ва ғайринавбатӣ буда метавонад.

17.4. Бонк ҳар сол Маҷлиси умумии саҳмдоронро (Маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон) доир менамояд, ки дар он масъалаҳо оид ба интихоб ва ё аз нав интихоби аъзои Шӯрои нозирони Бонк пас аз мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон, тасдиқи ташкилоти аудитории Бонк, тасдиқи ҳисоботи солона, ҳисоботи муҳосибӣ, аз ҷумла ҳисобот оид ба фоида ва зарари (ҳисоби даромад ва зарар) Бонк, инчунин, тақсимоти фоида, аз ҷумла, пардохти (эълони) суди саҳмияҳо ва товони зарари Бонк аз рӯи натиҷаҳои соли молиявӣ, ичунин, дигар масъалаҳое, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии Бонк дохил карда шудаанд, баррасӣ (тасдиқ) карда мешаванд.

17.5. Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорони Бонк бо қарори Шӯрои нозирони Бонк ва бо ташаббуси худи Шӯро, бо талаби ташкилоти аудитории берунӣ, бо талаби Кумитаи аудит, инчунин, бо талаби саҳмдорон (саҳмдор), ки соҳиби на камтар аз 10% (даҳ фоизи) саҳмияҳои овоздори Бонк дар санаи пешниҳоди талаботи дахлдор мебошанд, доир мегардад.

17.6. Барои иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон руйхати шахсоне, ки ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдоронро доранд, тартиб дода мешавад.

17.7. Иттилоот оид ба баргузории Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк бояд на дертар аз 20 (бист) рӯз пеш аз санаи баргузории маҷлиси умумӣ, вале иттилоот оид ба баргузории Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк, ки рӯзномаи он масъалаҳои азнавташкилдиҳии Бонкро дар бар мегирад, бояд дар муҳлати на дертар аз 30 (сӣ) рӯз то санаи баргузории Маҷлиси умумии саҳмдорон пешниҳод карда шавад. Дар муҳлатҳои зикргардида иттилоот оид ба гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон ба маълумоти шахсони ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон дошта, тавассути нашри иттилоот дар саҳифаи расмии Бонк дар шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии "Интернет", бо интишори иттилоот дар на камтар аз 2 (ду) воситаи ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ, ё тавассути мактуби фармоишӣ ё ба ҳар шахси зикргардида бо гирифтани имзои он, ё тавассути воситаҳои электронии алоқа расонида мешавад.

17.8. Ҳангоми гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон дар шакли овоздиҳии ғоибона, бюллетени овоздиҳӣ бояд бо имзои ҳар як шахсе, ки дар Феҳристи саҳмдорони Бонк ба қайд гирифта шудааст ва дорои ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон мебошад, бояд дар муҳлати на дертар аз 10 (даҳ) рӯзи то гузаронидани Маҷлиси умумии саҳдорон супорида шавад. Бюллетени овоздиҳӣ бо мактуби фармоишӣ, инчунин, дар шакли мактуби электронӣ ба суроғаи электронии шахси дахлдор, ки дар Феҳристи саҳмдорони Бонк зикр гардидаанд, ирсол карда мешавад.

17.9. Саҳмдороне (саҳмдоре), ки дар маҷмуъ соҳиби на кам аз 2% (ду фоизи) саҳмияҳои овоздори Бонк мебошанд, дар муҳлати на дертар аз 30 (си) рӯзи баъди ба анҷом расидани соли молиявӣ, ҳуқуқ доранд ба рӯзномаи Маҷлиси солонаи умумии саҳмдорон масъалаҳоро дохил намоянд ва номзадҳоро ба Шӯрои нозирони Бонк, ки шуморои онҳо наметавонад аз миқдори аъзои мақоми дахлдор бештар бошад, пешниҳод кунад. Шӯрои нозирони Бонк вазифадор аст пешниҳодоти воридшударо баррасӣ намуда, дар хусуси ворид кардани онҳо ба рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон ё рад кардани ин дар ҳолатҳо ва муҳлатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кунад. Дар сурати қабул кардани қарор аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк оид ба рад кардани дохил намудани масъалаи пешниҳодшуда ба рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон ё рад кардани пешниҳоди номзад ба руйхати номзадҳо барои овоздиҳӣ дар интихоби мақоми дахлдори Бонк ё дар сурати саркашӣ намудани Шӯрои нозирони Бонк аз қабули чунин қарор, саҳмдор ҳуқуқ дорад ба суд бо талаби маҷбур кардани Бонк барои ворид намудани масъалаи пешниҳодшуда ба рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон ё дохил кардани номзад ба руйхати номзадҳо барои овоздиҳӣ ба мақоми дахлдор муроҷиат намояд.

17.10. Саҳмдорон метавонанд дар Маҷлиси умумии саҳдорон ҳам шахсан ва ҳам тавассути намояндаи худ иштирок намоянд. Ҳангоми гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон дар шакли маҷлис (иштироки якҷояи саҳмдорон барои муҳокимаи масъалаи рӯзнома ва қабули қарор оид ба масълаҳои воҷиби овоздиҳӣ) метавонанд технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои таъмини имконияти иштироки фосилавӣ дар Маҷлиси умумии саҳмдорон, муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома ва қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои воҷиби овоздиҳӣ бидуни ҳозир будан дар ҷои маҷлиси умумии саҳмдорон, аз ҷумла, пур кардани шакли электронии бюллетенҳои овоздиҳӣ истифода бурда шаванд.

17.11. Маҷлиси умумии саҳмдорон дар сурате босалоҳият аст (дорои кворум мебошад), ки дар он саҳмдорони дар маҷмуъ дорои беш аз нисфи овозҳои саҳмияҳои овоздори паҳнкардашудаи Бонк иштирок намоянд. Дар Маҷлиси умумии саҳмдорон саҳмдороне иштирокдошта эътироф мегарданд, ки барои иштирок дар он ба қайд гирифта шудаанд, аз ҷумла саҳмдороне, ки аз қайд гузаштаанд ва бюллетени овоздиҳиро дар шакли

электронӣ дар портали дар шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии “Интернет”, ки он дар иттилоот оид ба баргузории Маҷлиси умумии саҳмдорон зикр шудааст, пур кардаанд. Дар Маҷлиси умумии саҳмдорон, ки дар шакли овоздиҳии ғоибона мегузарад, саҳмдороне иштирокдошта эътироф мегарданд, ки бюллетенҳояшон дастрас шудаанд ё бюллетенҳояшон дар шакли электронӣ дар портали дар шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии “Интернет”, ки он дар иттилоот оид ба баргузории Маҷлиси умумии саҳмдорон зикр шудааст, то соати 23:59 санаи анҷоми қабули бюллетенҳо, ки дар иттилоот оид ба баргузории Маҷлиси умумии самдорон зикр гардидааст, пур кардаанд.

17.12. Қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон оид ба масъалаҳои воҷиби овоздиҳӣ бо аксарияти овози саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои овоздор, ки дар маҷлис иштирок намудаанд, қабул карда мешавад, агар дар Оинномаи мазкур ва/ё қонунигузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

17.13. Қарор оид ба масъалаҳои дар зербанди 17.2.12 Оинномаи мазкур инъикосёфта аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти аз се ду (2/3) ҳиссаи овози саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои овоздор, ки дар Маҷлиси умумии саҳмдорон иштирок намудаанд, қабул карда мешавад.

17.14. Қарор оид ба масъалаҳои дар зербандҳои 17.2.1; 17.2.2; 17.2.3; 17.2.6; 17.2.7; 17.2.13; 17.2.17; 17.2.19 ва 17.2.20 Оинномаи мазкур инъикосёфта, инчунин, дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур, аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти аз чор се (3/4) ҳиссаи овозҳои саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои овоздор, ки дар Маҷлиси умумии саҳмдорон иштирок намудаанд, қабул карда мешавад.

17.15. Қарорҳои қабулнамудаи Маҷлиси умумии саҳмдорон ва натиҷаҳои овоздиҳӣ метавонанд дар Маҷлиси умумии саҳмдорон, ки дар рафти он овоз дода шуда буд, эълон карда шаванд ва бояд ба маълумоти шахсоне, ки ба руйхати шахсони дорои ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон дохил шудаанд, дар шакли пайнавишт оид ба натиҷаи овоздиҳӣ бо тартиби дар огоҳиномаи гузаронидани Маҷлиси умумии самҳдорон пешбинигардида, дар муҳлати на дертар аз 10 (даҳ) рӯзи баъди санаи пӯшида шудани Маҷлиси умумии саҳмдорон ё санаи анҷоми қабули бюллетенҳо ҳангоми гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон дар шакли овоздиҳии ғоибона, расонида мешавад.

17.16. Аз рӯи натиҷаҳои Маҷлиси умумии саҳмдорон пайнавишти Маҷлиси умумии саҳмдорон тартиб дода мешавад. Пайнавишт дар муҳлати на дертар аз 10 (даҳ) рӯзи анҷоми Маҷлиси умумии саҳмдорон ё санаи анҷоми қабули бюллетенҳо ҳангоми гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон дар шакли овоздиҳии ғоибона тартиб дода мешавад. Пайнавишт бояд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи мазмуни он ҷавобгӯ бошад. Пайнавиштро раис ва котиби Маҷлиси умумӣ имзо мекунанд. Пайнавишти ҳамаи Маҷлисҳои умумӣ дар дафтари пайнавиштҳо дӯхта шуда, онро Раёсати Бонк нигоҳ медорад ва он бояд ҳар вақт ба ҳар кадом саҳмдор барои шиносоӣ пешниҳод гардад. Бо талаби саҳмдорон ба онҳо иқтибосномаҳои тасдиқшуда аз дафтари пайнавиштҳо дода мешавад.

17.17. Саҳмдор ҳуқуқ дорад нисбат ба қароре, ки Маҷлиси умумии саҳмдорон бо вайрон кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур қабул намудааст, ба суд шикоят кунад, агар ӯ дар Маҷлиси умумии саҳмдорон иштирок накарда бошад ё зидди қабули чунин қарор, ки тибқи он ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунияш риоя нашудаанд, овоз дода бошад. Чунин аризаро дар давоми шаш моҳ аз рӯзе, ки саҳмдор огоҳ

шудааст ё бояд дар мавриди қабули чунин қарор огоҳ мешуд, ба суд пешниҳод кардан мумкин аст.

17.18. Маҷлиси умумии саҳмдорон дар сана, маҳал ва вақте, ки Шӯрои нозирони Бонк муайян месозад, гузаронида мешавад. Раиси Маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти овозҳои саҳмдороне, ки дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳузур доранд, интихоб карда мешавад. Дар ҳар як маҷлис котибе, ки аз ҷониби раискунандаи Маҷлиси умумии саҳмдорон таъин карда мешавад, иштирок мекунад, ки пайнавишти Маҷлиси умумии саҳмдоронро бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ тартиб медиҳад.

## Боби 18. Шӯрои нозирони Бонк

18.1. Шӯрои нозирони Бонк роҳбарии умумии фаъолияти Бонкро, ба истиснои ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон мансубанд, ба иҷро мерасонад. Шӯрои нозирони Бонк фаъолияти худро мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, Оинномаи мазкур ва ҳуҷҷати дохилӣ – Низомнома дар бораи Шӯрои нозирони Бонк, ки аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон тасдиқ карда мешавад, амалӣ менамояд. Омодагӣ ва баргузории маҷлисҳои Шӯрои нозирон аз ҷониби Котиби корпоративӣ таъмин карда мешавад.

18.2. Ба салоҳияти Шӯрои нозирони Бонк масъалаҳои зерин марбутанд:

18.2.1. муайян намудани самтҳои афзалиятноки (асосии) фаъолияти Бонк ва назорати иҷрои он;

18.2.2. даъвати Маҷлиси солона ва ғайринавбатии умумии саҳмдорон;

18.2.3. тасдиқи рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон;

18.2.4. муайян намудани санаи таҳияи рӯйхати шахсони дорои ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ва дигар масъалаҳое, ки ба омодагӣ ва гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон алоқаманд мебошанд, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” ба салоҳияти Шӯрои нозирон дохил шудаанд;

18.2.5. тасдиқ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба стратегияи рушди Бонк, ба буҷети Бонк барои соли дахлдор ва назорати иҷрои он;

18.2.6. таъсиси Раёсати Бонк ва тасдиқи Низимномаи он, интихоб (таъин) намудани аъзоёни Раёсат ва Раиси Раёсат, пеш аз муҳлат катъ намудани ваколати онҳо, муайян намудани меъёри музди маоши вазифавӣ ва шартҳои пардохти музди меҳнат ва мукофотпулии онҳо, инчунин, дигар шартҳои шартномаи меҳнатӣ бо онҳо. Мониторинг, амалӣ намудани назорат ва арзёбии фаъолияти Раёсати Бонк, аз ҷумла:

18.2.6.1. тасдиқи меъёрҳои баҳодиҳии фаъолияти Раёсати Бонк мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон;

18.2.6.2. амалӣ намудани мониторинги мутобиқ будани сатҳи касбии Раёсати Бонк ба намудҳо ва сатҳи мураккабии фаъолияти Бонк ва профили хавфҳои он;

18.2.7. ҷонибдории ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани муовин (ҳо)-и Раиси Раёсат ва Сармуҳосиби Бонк, бо пешниҳоди Раиси Раёсати Бонк;

18.2.8. таъсиси Хадамоти Котиби Корпоративии Бонк ва тасдиқи Низомномаи он, сохтори ташкилӣ, интихоб (таъин) кардан ба вазифа ва аз вазифа озод кардани Котиби Корпоративӣ, муайян намудани меъёри музди маоши вазифавӣ ва шартҳои пардохти музди меҳнат ва мукофотпулиҳо, инчунин, дигар шартҳои шартномаи меҳнатӣ бо ӯ;

18.2.9. муайян намудани иттилоот оид ба Бонк ё фаъолияти он, ки сирри хизматӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад, инчунин, тартиби ифшо намудани он ба шахсони сеюм аз ҷониби Бонк;

18.2.10. аз ҷониби Бонк паҳн кардани вомбаргҳо, аз он ҷумла, қарор оид ба тасдиқи барномаи вомбаргҳо ё дигар коғазҳои қиматноки эмиссионӣ, ба истиснои коғазҳои қиматноки ба саҳмияҳо табдилшаванда ва саҳмияҳо, тасдиқи тарҳи бароришни вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматноки Бонк ва тасдиқи натиҷаҳои бароришни онҳо;

18.2.11. ба даст овардани коғазҳои қиматноки эмиссионӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”;

18.2.12. харидани саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматноки паҳннамудаи Бонк дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”;

18.2.13. пешниҳоди тавсияҳо вобаста ба андозаи суди саҳмияҳо ва тартиби пардохти онҳо;

18.2.14. муайян намудани нархи (нархгузории пулии) молу мулк, нархи паҳн кардан ва хариди коғазҳои қиматнок дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”;

18.2.15. тасдиқи пешакии ҳисоботи солона, ҳисоботи солонаи муҳосибӣ, аз ҷумла, ҳисобот оид ба даромад ва зарари (ҳисобҳои даромад ва зарари) Бонк, инчунин, тақсимоти фоида ва зарари Бонк аз рӯи натиҷаи соли молиявӣ;

18.2.16. муайян намудани андозаи пардохти хизматрасонии ширкати аудиторӣ;

18.2.17. таъсиси филиалҳо ва кушодани намояндагиҳои Бонк, тасдиқи низомнома, инчунин, барҳамдиҳии онҳо;

18.2.18. тасдиқи дорандаи феҳристи Бонк ва шартҳои шартномаи бо он басташуда, инчунин, бекор кардани шартнома бо он;

18.2.19. муқаррасозии стандартҳои идоракунии хавфҳо, муайян намудани пазириши хавф ва ҳадди ақали меъёрҳои мақбули дохилӣ;

18.2.20. назорати табдирҳое, ки Раёсати Бонк ҷиҳати ошкор, андозагирӣ, мониторинг ва назорати хавфҳо меандешад;

18.2.21. нигоҳдории низоми мувофиқу босамари назорати дохилӣ, инчунин, мониторинги самарабахши низоми назорати дохилии аз ҷониби Раёсати Бонк амалишаванда;

18.2.22. муқаррар намудани сиёсати дохилӣ, низоми назорати дохилӣ, комплаенс ва меъёрҳои ахлоқӣ;

18.2.23. тасдиқи сохтори ташкилии Бонк, ки воҳидҳои сохтории таҳти тобеияти бевоситаи Шӯрои нозирон қарордошта ва то департаментҳои Бонкро дар бар мегирад;

18.2.24. Таъсиси:

18.2.24.1 Департаменти аудити дохилӣ, инчунин, тасдиқи сохтори ташкилӣ, дастурамалҳои мансабии кормандон ва низомномаи сохтори мазкур, ба вазифа таъин намудан ва аз вазифа озод кардани сардор (сараудитор) ва кормандони сохтори аудити дохилӣ, муайян намудани меъёрҳои музди меҳнат, шартҳои пардохти музди меҳнат ё мукофотпулӣ; инчунин, дигар шартҳои шартномаи меҳнатии кормандони воҳиди мазкур. Тасдиқи нақшаҳо ва барномаҳои солонаи сохтори аудити дохилӣ ва баррасии ҳисоботҳои он;

18.2.24.2 Департаменти комплаенс-хавф, тасдиқи сохтори ташкилӣ, дастурамалҳои мансабии кормандон ва низомномаи сохтори мазкур, ба вазифа таъин намудан ва аз вазифа озод кардани сардор (сарнозири комплаенс), муовин (муовинон), сардорони шуъбаҳои сохтори мазкур, нозири (нозирони) комплаенс оид ба масъалаҳои МКД/МТ ва МПСҚО, муайян намудани меъёрҳои музди меҳнат, шартҳои пардохти музди меҳнат ё мукофотпулӣ; инчунин, дигар шартҳои шартномаи меҳнатии кормандони воҳиди мазкур. Тасдиқи нақшаҳо ва барномаҳои солонаи Департаменти комплаенс-хафв ва баррасии ҳисоботҳои он;

18.2.24.3 Департаменти хавфҳои бонкӣ, тасдиқи низомномаи он, сохтори ташкилӣ, инчунин, ба вазифа таъин намудан ва аз вазифа озод кардани сардори он, муайян намудани меъёрҳои музди меҳнат, шартҳои пардохти музди меҳнат ё мукофотпулӣ; инчунин, дигар шартҳои шартномаи меҳнатии роҳбари сохтори мазкур, тасдиқи дастурамали мансабии ӯ;

18.2.25. баррасии натиҷаҳои аудит, санҷишҳои дохилию берунӣ, аз ҷумла, санҷишҳое, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида мешаванд ва андешидани чораҳои дахлдор аз рӯи натиҷаҳои он;

18.2.26. масъалаҳо оид ба истифодаи фонди захиравии Бонк;

18.2.27. маъқул донистани аҳдҳо бо шахсони вобаста;

18.2.28. қабули қарор дар бораи иштироки Бонк дар таъсис ё фаъолияти дигар шахсони ҳуқуқӣ бо тартиб ва дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи супурдани як ё якҷанд қисми дороиҳо ба маблағе, ки дар маҷмуъ то 25 фоизи ҳамаи дороиҳои Бонкро ташкил медиҳад;

18.2.29. тасдиқи тартиби пешгирӣ намудани бархӯрди манфиатҳо, инчунин, гузаронидани таҳлили ҳарсолаи бархӯрди манфиатҳои имконпазир дар уҳдадориҳои вазифавии кормандони роҳбарикунандаи Бонк дар асоси ҳисобот оид ба уҳдадориҳои вазифавии онҳо;

18.2.30. тасдиқи нақшаи барқарорсозии суботи молиявӣ дар сурати ба таври назаррас бад шудани вазъи молиявии Бонк, нақшаи амалиётҳое, ки ба таъмини бефосилагии фаъолият ва/ё барқарор намудани фаъолияти Бонк дар сурати ба амал омадани ҳолатҳои ғайриқолабӣ ва фавқулода;

18.2.31. гузаронидани баҳодиҳӣ дар асоси ҳисоботҳои воҳиди аудити дохилӣ оид ба риояи стратегияҳо ва расмиётҳо аз ҷониби Раиси Раёсат ва Раёсат, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ шудааст;

18.2.32. қабули қарорҳо оид ба вазифаҳои аъзои Шӯрои нозирон, инчунин, таҳияи меъёрҳои баҳодиҳии кори худ ва кумитаҳои назди Шӯрои нозирон, гузаронидани чунин арзёбӣ ва пешниҳоди натиҷаҳои он ба Маҷлиси умумии саҳмдорон, тасдиқи Низомнома оид ба арзёбии фаъолияти Шӯрои нозирон ва кумитаҳои он;

18.2.33. маъқул донистани аҳдҳое, ки нархи (арзиши) мавзӯи онҳо аз 30 фоизи сармояи танзимшавандаи Бонк зиёд аст ва зарурати маъқул донистани онҳо аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” ва Оинномаи мазкур ба миён намеояд;

18.2.34. тасдиқи пешниҳоди қарзҳои калон аз ҷониби Бонк, ки ҳаҷми онҳо аз 5 фоизи сармояи танзимшавандаи Бонк зиёд мебошад;

18.2.35. маъқул донистани ҷалби қарзҳои субординарӣ аз ҷониби Бонк;

18.2.36. тасдиқи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, ки тасдиқи онҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба салоҳияти Шӯрои нозирон марбут аст, ба истисноӣ ҳуҷҷатҳои дохилие, ки тасдиқи онҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон ва бо Оинномаи мазкур ба салоҳияти Раёсати Бонк мансуб дониста шудаанд;

18.2.37. маъқул донистани аҳдҳое, ки дар онҳо манфиатдории аъзои (аъзоёни) Шӯрои нозирон мавҷуд аст, дар ҳолатҳо ва тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”;

18.2.38. таъсиси Кумитаи аудити назди Шӯрои нозирони Бонк, интихоби раис ва аъзоёни Кумитаи аудит ва қатъи пеш аз муҳлати ваколатҳои онҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, таъсиси

кумитаҳои дигари назди Шӯрои нозирони Бонк, муайян намудани ҳайати миқдорӣ ва шахсии онҳо, инчунин, муҳлати ваколати онҳо, тасдиқи нақшаҳои кории солонаи ин кумитаҳо, тасдиқи Низомномаи кумитаҳои назди Шӯрои нозирон;

18.2.39. муайян намудани сиёсати мукофотонӣ, инчунин, ҷуброни хароҷоти аъзоёни Шӯрои нозирон ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба ин масъалаҳо ба Маҷлиси умумии саҳмдорон, инчунин, муайян намудани сиёсати мукофотонӣ ва ҷуброни хароҷоти аъзоёни Раёсат ва дигар кормандони роҳбаркунанда, ки зертобеи Шӯрои нозирон мебошанд;

18.2.40. тасдиқи сиёсати идоракунии хавфҳо ва сармоя, инчунин, тартиби стресс-тест дар асоси сиёсати идоракунии хавфҳо ва сармоя;

18.2.41. маъқул донистани қарорҳои Раёсати Бонк оид ба аз тавозун хориҷ кардани қарзҳои беэътимод аз ҳисоби фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо;

18.2.42. бо пешниҳоди Раёсати Бонк, қабул кардани қарорҳо оид ба аз эътибор соқит шудани қарздории мизоҷон, ки қаблан беэътимод дониста шудаанд ва аз тавозун ҳориҷ шудаанд;

18.2.43. амалӣ намудани назорати ба даст овардани полисҳои суғуртавӣ аз ҷониби Бонк оид ба суғуртаи маҷмуии фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ/суғуртаи муассисаҳои молиявӣ аз ҷиноятҳои электронӣ ва компютерӣ, суғуртаи масъулияти оммавӣ, суғуртаи масъулияти директорон ва шахсони мансабдори Бонк;

18.2.44. маъқул донистани аҳдҳои Бонк оид ба фурӯши молу мулки ба тавозуни Бонк барои фурӯш гирифташуда, агар арзиши бегона кардани чунин амвол аз арзиши тавозунии онҳо аз рӯи маълумоти ҳисоботи муҳосибии он дар санаи охирони ҳисобот бештар аз 30 фоиз паст бошад;

18.2.45. гирифтани иттилооти идоракунӣ ва шунидани ҳисоботи Раёсати Бонк оид ба натиҷаҳои фаъолият, ки тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд, инчунин, гирифтан ва шунидани ҳисобот оид ба иҷрои ҳадафҳои стратегӣ;

18.2.46. ҳарсола баррасӣ намудани маълумоти (ҳисоботи) ба таври хаттӣ аз ҷониби Раис ва аъзоёни Раёсат (ҳангоми ба вазифа интихоб шудан ва минбаъд ҳар сол) пешниҳодшуда оид ба ҳар гуна манфиатҳои шахсии молиявии бевосита ё бавоситаи худ, аъзои оила ва шахсони дигаре, ки бо онҳо ҳоҷагии умумӣ доранд;

18.2.47. дигар масъалаҳое, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” ва Оинномаи мазкур ба салоҳияти истиснои Маҷлиси умумии саҳмдорон ва мутобиқи Оинномаи мазкур ба салоҳияти Раёсати Бонк вогузор нашуда бошад.

18.3. Масъалаҳои марбут ба салоҳияти Шӯрои нозирони Бонкро ба зиммаи Раёсати Бонк гузоштан мумкин нест.

18.4. Шӯрои нозирони Бонк на кам аз 5 (панҷ) аъзо иборат аст, ки бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон пас аз мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба муҳлати бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон муайянгардида, на зиёда аз 4 (чор) сол интихоб ва таъин карда мешаванд. Аъзоёни Шӯрои нозирон метавонанд ба миқдори номаҳдуд такроран интихоб карда шаванд. Бонк вазифадор аст, ки Бонки миллии Тоҷикистонро дар бораи ҳама гуна тағйирот вобаста ба ҳайати миқдории аъзои Шӯрои нозирон ва муҳлати интихоб (таъин)-и онҳо на дертар аз панҷ рузи баъди қабули қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон бо замима намудани қарори мазкур, расман хабардор намояд. Бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон дар ҳар вақт ваколатҳои ҳамаи аъзоён ё аъзоёни алоҳидаи Шӯрои нозирони Бонк бо асосҳои дар Низомнома дар бораи Шӯрои нозирони Бонк пешбинигардида пеш аз муҳлат қатъ карда мешаванд. Аъзоёни мустақили Шӯрои нозирон бояд аз се як ҳиссаи шумораи аъзоёнро ташкил диҳанд, вале дар ҳар ҳол на кам аз ду нафар аъзои Шӯрои нозирон.

18.5. Аъзои Шӯрои нозирон мустақил ҳисобида мешавад, агар:

18.5.1. дар давоми 3 (се) соли охир ва дар лаҳзаи интихоб шудан, корманди Бонк, роҳбари он, инчунин, шахсе, ки дар мақоми идоракунии ташкилоти идоракунӣ вазифаҳоро ишғол менамояд, набуд ва намебошад;

18.5.2. шахси вобастаи саҳмдорон (иштирокчиён) ва шахсони мансабии Бонк ё ташкилоти идоракунандаи он намебошад;

18.5.3. тарафи уҳдадориҳои Бонк нест, ки мутобиқи он ӯ метавонад молу мулке ба даст орад, ки арзиши он 10 (даҳ) ва бештар аз фоизи даромади солонаи онро ташкил диҳад;

18.5.4. дорандаи бештар аз 1 (як) фоизи саҳмияҳои Бонк нест;

18.5.5. корманд ё ин ки шахси алоқаманди дигар ташкилоти молиявии қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад;

18.5.6. хизматчии давлатӣ нест, ба истиснои аъзои Шӯрои нозирони Бонк, ки давлат саҳмдори он мебошад;

18.5.7. зиёда аз 8 (ҳашт) сол аъзои Шӯрои нозирони Бонк нест;

18.5.8. зан (шавҳар), фарзандон, падару модар, бародарон, хоҳарон, инчунин падару модар, бародарон, хоҳарон ва фарзандони зан (шавҳар), кудоҳо, келинҳо, домодҳо, бародарзодагон, хоҳарзодагон, набера, писархондкунанда, фарзандхондагони ӯ дар вазифаи мақоми идоракунии Бонк, роҳбари ташкилоти идоракунандаи Бонк ва ё идоракунандаи Бонк намебошанд.

18.6. Аъзои Шӯрои нозирони Бонк метавонад танҳо шахси воқеӣ бошад. Аъзои Шӯрои нозирони Бонк метавонад саҳмдори Бонк набошад. Раис ва аъзоёни Раёсати Бонк, инчунин, кормандони Бонк, аз ҷумла корманди роҳбарикунандаи Бонк, ҷамъияти вобаста ва фаръии он, ба истиснои корманди ҷамъияти алоқаманди Бонк, наметавонанд аъзои Шӯрои нозирони Бонк интихоб карда шаванд.

18.7. Аъзои Шӯрои нозирон ва номзадҳо ба вазифаҳои зикршуда бояд ба талаботи муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ҷавобгӯ бошанд. На камтар аз чор як ҳиссаи аъзоёни Шӯрои нозирон бояд дар низоми бонкӣ (ватанӣ ва ё хориҷӣ) таҷрибаи кории зиёда аз 3 (се) сол дошта бошанд.

18.8. Раиси Шӯрои нозирон бо овоздиҳии аъзои Шӯрои нозирон, бо аксарияти овози шумораи умумии аъзоёни Шӯрои нозирон интихоб мегардад. Раиси Шӯрои нозирон ба фаъолияти Шӯрои нозирон роҳбарӣ мекунад, кори Шӯроро ба роҳ монда, маҷлиси Шӯрои нозиронро даъват менамояд ва ба он роҳбарӣ мекунад, рӯзнома ва шакли маҷлисҳои дар пешистодаи Шӯрои нозиронро муайян менамояд, пайнавиштҳои маҷлиси Шӯрои нозиронро имзо мекунад, дар Маҷлиси умумии саҳмдорон раисӣ менамояд, аз номи Бонк бо Раис ва аъзоёни Раёсат шартнома ба имзо мерасонад, дигар вазифаҳоро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”, Оинномаи мазкур ва Низомнома дар бораи Шӯрои нозирон пешбинӣ намудаанд, иҷро мекунад. Дар сурати ҳузур надоштани Раиси Шӯрои нозирон, вазифаҳои ӯро бо қарори Шӯрои нозирон яке аз аъзоёни Шӯрои нозирон, ки бо аксарияти овозҳои аъзоёни Шӯрои нозирон қабул шудааст, иҷро мекунад.

18.9. Қарорҳо аз ҷониби Шӯрои нозирон бо роҳи гузаронидани маҷлис дар шакли ҳузури якҷояи аъзоёни Шӯрои нозирон оид ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба овоздиҳӣ гузошташуда ё бе гузаронидани маҷлис бо роҳи овоздиҳии ғоибона (бюллетенҳои овоздиҳӣ) қабул карда мешавад. Қарор дар бораи гузаронидани овоздиҳии ғоибона аз ҷониби Раиси Шӯрои нозирон (ё шахсе, ки вазифаҳои ӯро иҷро мекунад) қабул карда мешавад.

18.10. Ҷаласаҳои Шӯрои нозирон на кам аз 4 (чор) маротиба дар як сол даъват карда мешаванд. Маҷлиси Шӯрои нозирони Бонк аз ҷониби Раиси Шӯрои нозирони Бонк бо ташаббуси шахсии ӯ, бо талаби саҳмдорони (саҳмдори) Бонк, ки дар маҷмуъ дорои на кам аз даҳ (10) фоизи саҳмияҳо мебошанд, аъзои Шӯрои нозирони Бонк, Кумитаи аудит, ташкилоти аудитории берунаи Бонк, Раёсати Бонк, сараудитори Бонк ё роҳбарони воҳидҳои сохтории идоракунии хавфҳои Бонк даъват карда мешавад.

18.11. Огоҳинома оид ба гузаронидани маҷлиси Шӯрои нозирон аз ҷониби котиби корпоративӣ ба аъзоёни он на кам аз 10 (даҳ) рӯз то санаи баргузории маҷлис тавассути почтаи электронӣ фиристода мешавад. Дар огоҳинома сана, макон, вақт ва шакли баргузории маҷлис нишон дода мешавад. Ба огоҳинома рӯзномаи маҷлис ва маводи рӯзномаи маҷлис замима карда мешаванд.

18.12. Ҳангоми гузаронидани маҷлиси Шӯрои нозирон дар шакли ҳузури якҷояи аъзои Шӯрои нозирон барои муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба овоздиҳӣ гузошташуда метавонанд технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ барои таъмини имконияти иштироки фосилавӣ дар маҷлиси Шӯрои нозирон, муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи маҷлис ва қабули қарор оид ба масъалаҳои ба овоздиҳӣ гузошташуда, бидуни ҳозир будан дар макони маҷлис, истифода бурда шаванд. Аъзои Шӯрои нозирон, ки имконияти шахсан дар маҷлис иштирок карданро надорад, метавонад бо истифода аз технологияҳои зикршуда дар маҷлиси Шӯрои нозирон иштирок намояд.

18.13. Кворум барои гузаронидани маҷлиси Шӯрои нозирон Бонк, набояд аз 2/3 (се ду ҳиссаи) шумораи умумии аъзоёни Шӯрои нозирони Бонкро ташкил диҳад. Агар шумораи аъзоёни Шӯрои нозирони Бонк аз миқдори ташкилдиҳандаи кворуми зикргардида камтар гардад, Шӯрои нозирони Бонк вазифадор аст дар мавриди гузаронидани Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорон барои интихоби ҳайати нави Шӯрои нозирони Бонк қарор қабул кунад. Аъзоёни боқимондаи Шӯрои нозирони Бонк ҳуқуқ доранд, ки танҳо дар бораи даъвати чунин Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорон қарор қабул кунанд.

18.14. Қарорҳои Шӯрои нозирони Бонк оид ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома ва қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои воҷиби овоздиҳӣ низ метавонанд бидуни маҷлис (иштироки якҷояи аъзоён) тавассути овоздиҳии ғоибона (бюллетенҳои овоздиҳӣ) қабул карда шаванд. Номгӯи масъалаҳое, ки аз рӯи онҳо қарори ғоибона қабул кардан мумкин нест, инчунин, тартиби гузаронидани овоздиҳии ғоибонаро Низомнома дар бораи Шӯрои нозирони Бонк муайян мекунад.

18.15. Ҳангоми ҳалли масъалаҳо дар Шӯрои нозирони Бонк ҳар як аъзои Шӯрои нозирони Бонк дорои як овоз мебошад ва дар сурати баробар будани овозҳо ҳуқуқи овози ҳалкунанда ба Раиси Шӯрои нозирон марбут аст. Ҳуқуқи овоздиҳии худро ба зиммаи дигар шахс, аз ҷумла, ба зиммаи аъзои дигари Шӯрои нозирони Бонк вогузоштан мумкин нест.

18.16. Қарорҳо оид ба масъалаҳои дар зербандҳои 18.2.1, 18.2.5, 18.2.6, 18.2.8, 18.2.9, 18.2.19, 18.2.20, 18.2.21, 18.2.22, 18.2.23, 18.2.24, 18.2.25, 18.2.26, 18.2.27, 18.2.29, 18.2.32 ва 18.2.38-уми Оинномаи мазкур аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк бо аксарияти 2/3 (аз се ду) ҳиссаи овозҳои аъзоёне, ки дар маҷлиси Шӯрои нозирони Бонк иштирок намудаанд, қабул карда мешавад ва ҳангоми овоздиҳии ғоибона бо аксарияти 2/3 (аз се ду) ҳиссаи овозҳои ҳамаи аъзоёни Шурои нозирони Бонк қабул карда мешаванд. Аз рӯи масъалаҳои боқимондаи рӯзномаи маҷлиси Шӯрои нозирони Бонк қарорҳо бо аксарияти овозҳои аъзоёни дар маҷлис ё овоздиҳии ғоибона иштироккунанда қабул карда мешаванд.

18.17. Дар сурати маъқул донистани аҳдҳое, ки дар анҷом додани онҳо манфиатдории аъзои Шӯрои нозирон мавҷуд аст (зербандӣ 18.2.38), аъзои Шӯрои нозирон, ки манфиатдор аст, дар овоздиҳӣ иштирок намекунад ва қарор бо аксарияти овозҳои аъзоёни Шӯрои нозирон, ки ба анҷом додани он манфиатдор намебошанд, қабул карда мешавад. Агар шумораи аъзоёни Шӯрои нозирони манфиатдорнабуда аз кворуми муаяйннамудаи Оинномa барои гузаронидани маҷлиси Шӯрои нозирони Бонк камтар бошад, қарор бояд бо тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон қабул гардад.

18.18. Бе зарар ба муқаррароти банди 18.12-уми Оинномаи мазкур, қарорҳои қабулнамуда Шӯрои нозирони Бонк бо сабаби мавҷуд будани ҷойи холӣ дар ҳайати он, ба шарте, агар кворум мавҷуд бошад, беэътибор megaониста шуда наметавонад. Ҷойи холӣ дар ҳайати Шӯрои нозирони Бонк бояд дар давоми 90 рӯзи тақвимӣ бо интихоб (таъин) намудани аъзои нав пур карда шавад.

18.19. Дар маҷлиси Шӯрои нозирон пайнавишт бурда мешавад. Аз рӯи натиҷаҳои овоздиҳии ғоибона, инчунин, пайнавишт тартиб дода шуда, бюллетенҳои овоздиҳие, ки аъзоёни Шӯрои нозирон имзо кардаанд, ба пайнавишти маҷлиси Шӯрои нозирон замима карда мешаванд. Пайнавишти маҷлиси Шӯрои нозирон аз ҷониби котиби корпоративии Шӯрои нозирон на дертар аз 3 (се) рӯзи корӣ аз рӯзи баргузории маҷлис тартиб дода мешавад. Пайнавишти маҷлиси Шӯрои нозирон аз ҷониби Раиси Шӯрои нозирон (ё шахсе, ки дар ҳолати набудани Раиси Шӯрои нозирон дар маҷлиси доиргардида раисӣ мекунад), ки барои дуруст тартиб додани пайнавишт масъул мебошад ва котиби маҷлис имзо мегардад.

18.20. Аъзоёни Шӯрои нозирони Бонк бояд вазифаҳои худро ба манфиати саҳмдорон ва Бонк дар маҷмуъ, софдилона ва оқилона иҷро кунанд, дар маҷлисҳои Шӯрои нозирон фаъолона иштирок намоянд, аз амалҳое, ки боиси бархӯрди манфиатҳо мегарданд ё эҳтимолан ба пайдо шудани бархӯрди манфиатҳо оварда метавонанд, худдорӣ намоянд, маълумотро дар бораи бархӯрди манфиатҳои эҳтимолӣ поквиҷдонона ва пурра ошкор намоянд.

## Боби 19. Раёсати Бонк

19.1. Ба фаъолияти ҷории Бонк, ба истиснои ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк ё Шӯрои нозирони Бонк мансубанд, мақоми дастаҷамъии иҷроияи Бонк – Раёсат роҳбарӣ мекунад. Раиси Раёсат ва аъзоёни Раёсати Бонк фаъолияти худро муфовиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, инчунин, Низомнома оид ба Раёсат, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ шудааст, амалӣ менамоянд.

19.2. Ба салоҳияти Раёсат масъалаҳои зерин дохил мешаванд:

19.2.1. татбиқи самтҳои асосии фаъолияти Бонк;

19.2.2. таъмини риояи меъёрҳои идоракунии корпоративӣ ва талаботи идоракунии хавфҳои Бонк;

19.2.3. таъмини сатҳи зарурии низоми идоракунии Бонк, ки масъулият, ваколат ва муносибатҳои байниҳамдигарии сохторҳои дохилӣ, шахсони мансабдор ва кормандони дигари Бонкро муқаррар менамояд;

19.2.4. ташкили низоми назорати дохилии Бонк, мониторинги мутобиқат ва самаранокии он;

19.2.5. таъмини иҷрои қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шӯрои нозирони Бонк;

19.2.6. муайян намудани сиёсати кадрии Бонк;

19.2.7. тасдиқи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, ба истиснои ҳуҷҷатҳои дохилӣ, ки тасдиқи онҳо ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шурои нозирони Бонк тааллуқ доранд;

19.2.8. ташкили таҳия ва қабули қарорҳо оид ба ҷорӣ намудани намудҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ;

19.2.9. муқаррарсозии тартиби танзими оперативии андозаи меърҳои фоизӣ оид ба амалиётҳои фаъол ва ғайрифаъоли Бонк;

19.2.10. таъмини риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷкистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Бонк;

19.2.11. тасдиқи тартиби қабули қарорҳо аз рӯи амалиётҳои Бонк, ки бо пешниҳоди қарз, сармоягузорӣ ё дигар маблағгузории мизоҷони маҳаллӣ ва хориҷӣ алоқамананданд;

19.2.12. муайянсозии шартҳои асосии ҷалби пасандозҳо ва пешниҳоди қарз;

19.2.13. муайян намудани маблағи хароҷот барои таъмин ва рушди Бонк дар доираи буҷети аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқшуда;

19.2.14. ба тасдиқи Шӯрои нозирон пешниҳод намудани сиёсати қарзӣ ва амалӣ намудани назорати мутобиқати фаъолият оид ба пешниҳоди маҳсулоти қарзӣ ба сиёсати қарзӣ ва сиёсати идоракунии хавфҳо, таҳияи сиёсат ва тартиб оид ба муайян, андозагирӣ, мониторинг ва назорати хавфи қарзӣ;

19.2.15. қабули қарорҳои танзимкунанда ҳангоми мавҷудияти фарқият дар тартиби дар Бонк муқарраршудаи амалисозии чораёни қарздиҳӣ;

19.2.16. қабули қарор дар бораи тасниф намудани талабҳои қарзии Бонк бо мақсади ташаккул додани захираҳо барои талафоти имконпазир дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии дохилии Бонк;

19.2.17. муайян ва тасдиқи маҳдудиятҳо (меъёрҳо) ва шартҳои қарздиҳӣ, ки эҳтимолияти талафоти Бонк ва бад шудани вазъи пардохтпазириро дар натиҷаи анҷом додани аҳдҳо бо шахсони алоқаманд бо Бонк маҳдуд мекунад;

19.2.18. қабули қарор дар бораи аз тавозуни Бонк аз ҳисоби захира барои пӯшонидани талафоти имконпазир хориҷ намудани қарзе (беэътимод), ки ситонидани он ғайриимкон аст ва дар сурати нокифоя будани он – дар бораи хориҷ намудани қарз ба ҳароҷот, дар мувофиқа бо Шӯрои нозирони Бонк;

19.2.19. тасдиқ намудани тарофаҳо, комиссияҳо меъёрҳои фоизӣ аз рӯи қарзҳо ва дигар маҳсулоти бонкӣ;

19.2.20. қабули қарор дар бораи кушондани идораҳои иловагӣ, марказҳои хизматрасонии бонкӣ, воҳиди сайёр ва ғайра;

19.2.21. қабули қарор дар бораи анҷом додани амалиёти бонкӣ ва дигар аҳдҳо, ки тартиб ва расмиёти гузаронидани онҳо дар ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк муқаррар нагардидааст, инчунин, ҳангоми мавҷуд будани фарқият аз тартиб ва расмиёти анҷомдиҳии амалиёти бонкӣ ва аҳдҳои муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк;

19.2.22. тасдиқи низомномаҳо дар бораи кумитаҳои Бонк ва дигар мақомоти дастаҷамъии Бонк, ба истиснои онҳое, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шӯрои нозирон дохил мешаванд;

19.2.23. муқаррар намудани ваколатҳо ва/ё тартиби додани ваколатҳо ба роҳбарон, шахсони мансабдор ва кормандони Бонк, аз ҷумла, қабули қарорҳо ва/ё муайян кардани тартиби қабули қарорҳо вобаста ба анҷом додани аҳдҳо, бастани шартномаҳо, вобаста ба маҳсулот ва равандҳо, хизматрасонии мизоҷон, дигар амалиёти бонкӣ, ҳамкорӣ бо шарикон, инчунин, бо маҳдудиятҳои маблағҳои шартномаҳо (меъёрҳо) барои додани ваколатнома ба кормандони Бонк вобаста ба мақом ва вазифаи онҳо;

19.2.24. муқаррар намудани масъулияти шахсони мансабдор ва кормандони Бонк барои иҷрои қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк ва Шӯрои

нозирони Бонк, татбиқи стратегия ва сиёсати Бонк дар робита ба ташкил ва татбиқи назорати дохилӣ;

19.2.25. ба роҳбарони воҳидҳои сохтории дахлдори Бонк вогузор намудани ваколатҳо оид ба таҳияи қоидаҳо ва расмиёти соҳаи назорати дохилӣ ва назорати иҷрои онҳо;

19.2.26. тафтиши мутобиқати фаъолияти Бонк ба ҳуҷҷатҳои дохилие, ки тартиби амалӣ намудани назорати дохилиро муайян мекунад ва баҳо додан ба мувофиқати мазмуни ин ҳуҷҷатҳо ба хусусият ва ҳаҷми амалиётҳои анҷомдодашаванда;

19.2.27. тақсими масъулиятҳои воҳидҳо ва кормандоне, ки ба самтҳои мушаххаси (шаклҳо ва роҳҳои амалисозии) назорати дохилӣ масъуланд;

19.2.28. баррасии маводҳо ва натиҷаҳои баҳодиҳии даврии самаранокии назорати дохилӣ;

19.2.29. таъсиси низомҳои самараноки интиқол ва мубодилаи иттилоот, ки ҷараёни иттилооти зарурииро ба истифодабарандагони манфиатдор таъмин мекунад;

19.2.30. ташкили низоми назорат аз болои бартараф намудани вайронкуниҳо ва камбудиҳои ошкоргардидаи назорати дохилӣ ва чораҳое, ки барои бартараф намудани онҳо андешида шудаанд;

19.2.31. огоҳ намудани Шӯрои нозирони Бонк оид ба натиҷаи санҷишҳое, ки аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ (назоратӣ) ва назораткунандаи давлатӣ дар Бонк ва воҳидҳои сохтории он гузаронида мешаванд;

19.2.32. ба тасдиқи Шӯрои нозирон пешниҳод намудани лоиҳаи буҷети Бонк барои соли дахлдор ва пешниҳод намудани ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети соли дахлдор ба Шӯрои нозирон;

19.2.33. ба тасдиқи Шӯрои нозирон пешниҳод намудани лоиҳаи стратегияи рушд ва буҷети он;

19.2.34. таҳия ва ба тасдиқи Шӯрои нозирон пешниҳод намудани лоиҳаҳои сиёсати баҳисобгирӣ ва сармоягузории Бонк, сиёсати идоракунии хавфҳо, идоракунии сармоя, идоракунии даромаднокӣ, идоракунии бефосилагии фаъолияти Бонк, дигар сиёсатҳо ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, ки тасдиқи онҳо ба салоҳияти Шӯрои нозирон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон вогузор карда шудаанд, инчунин, ҷорӣ намудан ва мониторинги риояи сиёсатҳо ва ҳуҷҷатҳои дохилии зикргардида аз ҷониби Бонк ва кормандони он;

19.2.35. маъқул донистани аҳдҳо, ки нархи (арзиши) мавзӯи онҳо аз 5% (панҷ фоиз) то 30% (сӣ фоиз)-и сармояи танзимшавандаи Бонкро ташкил медиҳанд ва зарурияти маъқул донистани онҳо аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шӯрои нозирони Бонк мувофиқи Оинномаи мазкур ба миён намеоянд;

19.2.36. маъқул донистани аҳдҳои Бонк оид ба фурӯши молу мулки ба гарав гузоштаshuda, ки ба тавозуни Бонк барои фурӯш қабул шудааст, агар арзиши бегона кардани чунин молу мулк аз арзиши тавозунии онҳо аз рӯи маълумоти ҳисоботи муҳосибии он дар санаи охирини ҳисобот 30% (сӣ фоиз) ё пастар аз он бошад;

19.2.37. тасдиқи сохтори ташкилии дохили Департамент ва воҳидҳои сохторие, ки таҳти тобеияти Раиси Раёсати Бонк қарор доранд;

19.2.38. ҳалли дигар масъалаҳое, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шӯрои нозирон вогузор нашудааст.

19.3. Раёсати Бонк аз ҷониби Шӯрои нозирон таъсис дода мешавад ва барои иҷрои қарорҳои Шӯрои нозирон ва идоракунии фаъолияти ҳаррӯзаи Бонк масъул мебошад. Ҳайати миқдории Раёсати Бонк аз на кам аз 6 аъзо иборат аст, ки бо қарори Шӯрои нозирони Бонк баъди аз санҷиши тахассусӣ гузаштани онҳо, бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба муҳлати то 4 (чор) сол интихоб ва таъин карда мешаванд. Аъзоёни Раёсат метавонанд ба миқдори номаҳдуд такроран интихоб карда шаванд. Бо қарори Шӯрои нозирони Бонк дар ҳар вақт ваколатҳои ҳамаи аъзоён ё аъзоёни алоҳидаи Раёсати Бонк пеш аз муҳлат қатъ карда мешаванд. Бонк вазифадор аст, ки Бонки миллии Тоҷикистонро дар бораи ҳама гуна тағйирот вобаста ба ҳайати миқдории аъзои Раёсат ва муҳлати интихоб (таъин)-и онҳо на дертар аз се рузи баъди қабули қарори Шурои нозирон бо замима намудани қарори мазкур, расман хабардор намояд.

19.4. Аъзоёни Раёсати Бонк ва номзадҳо бояд ба талаботҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” муқаррар кардааст, ҷавобгӯ бошанд.

19.5. Раёсати Бонк ҳуқуқ дорад дар доираи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ваколатҳои худро аз рӯи баъзе масъалаҳо, ки ба салоҳияти ӯ вогузор шудаанд ба Раиси Раёсат, муовинони ӯ, кумитаҳо ё дигар мақоми дастаҷамъии Бонк, инчунин, ба сардорони департаментҳо, воҳидҳои сохторӣ ва дигар шахсони мансабдори Бонк вогузор намояд.

19.6. Маҷлисҳои Раёсат на кам аз 1 (як) маротиба дар 2 (ду) ҳафта гузаронида мешаванд. Маҷлисҳои Раёсат дар сурате салоҳиятнок ҳисобида мешаванд, ки дар онҳо на камтар аз нисфи шумораи аъзои интихобгардидаи Раёсат, аз ҷумла, Раиси Раёсат (муовини Раиси Раёсат ё шахси иҷрокунандаи вазифаи Раиси Раёсат) иштирок дошта бошанд. Дар сурати шумораи аъзоёни Раёсати Бонк аз миқдори ташкилкунандаи кворуми зикргардида камтар гардад, Раёсат вазифадор аст Шӯрои нозирони Бонкро дар ин бора огоҳ намояд, то ки он интихоби ҳайати нави Раёсатро амалӣ намояд.

19.7. Қарорҳои Раёсат дар шакли гузаронидани маҷлиси рӯ ба рӯ ё дар шакли овоздиҳии ғоибона бо роҳи мубодилаи ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла, ирсол намудани бюллетенҳо/саволномаҳо тавассути почтаи электронӣ, инчунин, бо ҳар роҳи дигаре, ки санаи гирифтани онҳоро тасдиқ менамояд, қабул карда мешаванд. Тартиби гузаронидани маҷлис, қабул ва ба расмият даровардани қарорҳо тибқи Оинномаи мазкур, инчунин, Низомнома оид ба Раёсати Бонк, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ мегардад, муайян карда мешавад. Қарорҳои Раёсати Бонк бо аксарияти овозҳои одии аъзоҳои иштироккунанда қабул карда мешаванд. Ҳар як аъзои Раёсат дорои як овоз аст. Дар ҳолати баробар будани овозҳо,

ҳуқуқи овози ҳалкунанда ба Раиси Раёсат (муовини Раиси Раёсат ё шахси иҷрокунандаи вазифаи Раиси Раёсат) марбут аст.

19.8. Раиси Раёсат бо қарори Шӯрои нозирони Бонк ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Муҳлати ваколати Раиси Раёсат бо қарори Шӯрои нозирони Бонк муайян карда мешавад. Шӯрои нозирони Бонк метавонад муҳлати ваколати Раиси Раёсатро бо қарори худ тамдид созад. Бонк вазифадор аст, ки Бонки миллии Тоҷикистонро дар бораи ба вазифа таъин ва аз вазифа озод гардидани Раиси Раёсат ва муҳлати таъини ӯ на дертар аз се рузи баъди қабули қарори Шурои нозирон бо замима намудани қарори мазкур, расман хабардор намояд.

19.9. Раиси Раёсат:

19.9.1. аз номи Бонк бидуни ваколатнома баромад менамояд, онро дар муносибат бо мақомотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, дигар ташкилотҳо, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад, шартномаҳо мебандад;

19.9.2. маҷлисҳои Раёсати Бонкро даъват менамояд, дар маҷлисҳои Раёсат раисӣ менамояд, ба кори Раёсати Бонк роҳбарӣ мекунад;

19.9.3. ба қарор ва пайнавишти маҷлисҳои Раёсати Бонк имзо мегузорад;

19.9.4. сармуҳосиби Бонк ва муовинони худро бо розигии Шӯрои нозирони Бонк ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд, вазифаҳоро байни муовинони худ тақсим менамояд;

19.9.5. фармону амрҳо медиҳад, ки иҷрояшон барои кормандони Бонк ҳатмӣ мебошад;

19.9.6. шартҳо ва андозаи музди меҳнати кормандони Бонкро муайян мекунад, ба истиснои Раиси Раёсати Бонк, муовинони ӯ, сараудитори Бонк ва дигар кормандоне, ки муайян намудани шартҳо ва андозаи музди меҳнати онҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон, Шӯрои нозирон ва Раёсати Бонк вогузор шудааст;

19.9.7. барои фаъолияти Бонк масъулияти пурра дорад;

19.9.8. барои таъмини иҷрои қарорҳои Раёсат масъул аст;

19.9.9. ваколатҳоеро, ки Раёсат ба ӯ вогузор кардааст, амалӣ менамояд;

19.9.10. амалиётҳои ҳаррӯзае, ки аз ҷониби Бонк гузаронида мешаванд, назорат менамояд;

19.9.11. ҳангоми ошкор гаштани кам гардидани меъёри кифоятии сармояи Бонк аз андозаи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон фавран Шӯрои нозирони Бонк ва Бонки миллии Тоҷикистонро ҳабардор менамояд;

19.9.12. роҳбарии фаъолияти ҷории Бонкро мувофиқи Оинномаи он амалӣ менамояд, аз он ҷумла роҳбарии фаъолияти филиалҳо, намояндагиҳо,

марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва дигар воҳидҳои дохилии сохтори Бонк;

19.9.13. ҳамаи масъалаҳои вобаста ба фаъолияти ҷории Бонкро, ба истиснои масъалаҳое, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон, Шӯрои нозирон ва Раёсати Бонк вогузор шудаанд, ҳал менамояд;

19.9.14. молу мулки Бонкро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи муқаррарнамудаи Оинномаи мазкур ихтиёрдорӣ менамояд;

19.9.15. шартномаҳо мебандад, аз ҷумла, шартномаи меҳнатӣ ва аҳдҳоеро мебандад, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсип ва анъанаҳои ба таври умум эътирофшудаи муомилоти корӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, шартномаҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида, қонунгузории дигар давлатҳо тасдиқшуда, ба истиснои шартномаҳо ва аҳдҳое, ки тибқи Оинномаи мазкур ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон, Шӯрои нозирон ва Раёсати Бонк вогузор шудааст, пешбинӣ шудаанд;

19.9.16. қоидаҳои дохилии меҳнатии Бонк, низомнома дар бораи музди меҳнат ва мукофотонии кормандони Бонк, ки тибқи сиёсати аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқшудаи пардохти музди меҳнати Бонк, дигар санадҳои меъёрии дохилие, ки муносибатҳои меҳнатиро ба танзим медароранд, тасдиқ менамояд ва риояи онҳоро аз ҷониби кормандон ва шахсони мансабдори Бонк таъмин менамояд;

19.9.17. мутобиқи қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони Бонкро ба кор қабул мекунад, ба кори дигар мегузаронад ва аз кор озод мекунад, нисбат ба онҳо ҷазои интизомӣ ва ҷораҳои ҳавасмангардонӣ меандешад, ба истиснои кормандони Бонк, ки ба кор қабул кардан ва аз кор озод кардани онҳо ба салоҳияти Шӯрои нозирони Бонк тааллуқ доранд;

19.9.18. аз номи Бонк ваколатнома медиҳад;

19.9.19. ҳуҷҷатҳои дохилии Бонкро, ки тартиби кор ва уҳдадориҳои функсионалии воҳидҳои сохторӣ ва кормандони алоҳидаи Бонкро муайян месозад, аз ҷумла, ҳангоми иҷрои амалиёти бонкӣ ва анҷом додани аҳдҳо, тасдиқ менамояд, дигар ҳуҷҷатҳои дохилии Бонкро оид ба фаъолияти ҷории Бонк тасдиқ мекунад;

19.9.20. барои ташкили кор ва фароҳам овардани шароит оид ба ҳифзи сирри бо қонун ҳифзшаванда дар Бонк ва барои риоя накардани маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонун оид ба шинос шудан бо маълумоте, ки чунин сирро ташкил медиҳад, шахсан масъул аст;

19.9.21. дар асоси фармон ё ваколатнома, ваколатҳои алоҳидае, ки ба салоҳияти ӯ вогузор шудааст ба муовинони Раиси Раёсат, аъзои Раёсати Бонк, роҳбарони раёсатҳо (департаментҳо), воҳидҳои сохторӣ, намояндагиҳои Бонк, роҳбарони филиалҳо ва дигар шахсони мансабдори Бонк, вогузор менамояд.

19.9.22. ҳуҷҷатҳои дохилии Бонкро, ба истиснои ҳуҷҷатҳои дохилӣ, ки тасдиқи онҳо ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон, Шӯрои нозирони Бонк ва Раёсати Бонк тааллуқ дорад, тасдиқ мекунад.

19.9.23. ҷадвали воҳиди кории воҳидҳои сохторие, ки таҳти тобеияти Раиси Раёсати Бонк қарор доранд, тасдиқ мекунад.

19.10. Ҳангоми муайян кардани мавҷудияти кворум ва натиҷаҳои овоздиҳӣ дар маҷлисҳои Раёсати Бонк, фикри хаттии аъзои Раёсати Бонк, ки дар маҷлис ҳузур надорад, ба инобат гирифта мешавад.

19.11. Қарорҳои аз ҷониби Раёсати Бонк қабулшуда бо сабаби мавҷуд будани ҷойи холӣ дар ҳайати он беэътибор дониста шуда наметавонад. Ҷойи холӣ дар ҳайати Раёсати Бонк бояд дар давоми 90 рӯзи тақвимӣ бо интихоб (таъин) намудани аъзои нав пур карда шавад.

19.12. Дар маҷлисҳои Раёсат пайнавишт бурда мешавад. Аз рӯи натиҷаи овоздиҳии ғоибона, инчунин, пайнавишт тартиб дода мешавад. Пайнавишти маҷлиси Раёсат аз ҷониби шахсе, ки Раиси Раёсат онро ваколатдор намудааст, на дертар аз 5 (панҷ) рӯз аз санаи баргузории маҷлис тартиб дода мешавад. Пайнавишти маҷлиси Раёсат аз ҷониби Раиси Раёсат (ё шахсе, ки ҳангоми ҳузур надоштани Раиси Раёсат дар маҷлис раисӣ мекунад), ки барои дуруст тартиб додани пайнавишт масъул мебошад ва котиби маҷлис, ки дар ҳар маҷлис интихоб карда мешавад, имзо мегардад.

19.13. Аъзоёни Раёсати Бонк бояд вазифаҳои худро ба манфиати саҳмдорон ва Бонк дар маҷмуъ, софдилона ва оқилона иҷро кунанд, дар маҷлисҳои Раёсат фаъолона иштирок намоянд, аз амалҳое, ки боиси бархӯрди манфиатҳо мешаванд, худдорӣ намоянд, маълумотро дар бораи бархӯрди манфиатҳои эҳтимолӣ поквиҷдонона ва пурра ошкор намоянд.

19.14. Дар давраи ҳозир набудани Раиси Раёсати Бонк вазифаҳои ӯро муовини Раиси Раёсати Бонк ё дигар аъзои Раёсати Бонк дар асоси ҳуҷҷате, ки аз ҷониби Раиси Шӯрои нозирони Бонк барасмият даровarda шудааст, амалӣ менамояд. Шахсе, ки вазифаҳои Раиси Раёсати Бонкро иҷро менамояд, ҳуқуқ дорад аз номи Бонк ваколатномаҳо диҳад.

19.15. Ҳуқуқу уҳдадориҳои Раис ва аъзоёни Раёсати Бонк мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо шартномае, ки ҳар кадоме аз онҳо бо Бонк бастаанд, муайян мегарданд. Шартнома бо Раис ва аъзоёни Раёсати Бонк аз ҷониби Раиси Шӯрои нозирон ё шахси ваколатдори Шӯрои нозирон имзо карда мешавад. Пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ин шартномаҳо низ ба салоҳияти Шӯрои нозирон тааллуқ дорад.

19.16. Ба Раис ва аъзоёни Раёсат дар қисмате, ки хилофи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” нест, хусусиятҳои танзими меҳнат, ки тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои роҳбарон ва аъзоёни мақоми дастаҷамъии иҷроияи ташкилот муқаррар карда шудааст, татбиқ мегарданд.

## Боби 20. Кумитаи аудит ва Департаменти аудити дохилии Бонк

20.1. Дар Бонк кумитаи аудит таъсис дода мешавад, ки аз 3 нафар аъзоёни Шурои нозирони Бонк иборат аст. Аъзоёни кумитаи аудит ва Раиси он аз ҷониби Шӯрои нозирон ба мӯҳлати 4 сол интихоб карда мешаванд.

20.2. Раиси Шӯрои нозирон, Раис ва аъзоёни Раёсати Бонк аъзои Кумитаи аудит буда наметавонанд.

20.3. Кумитаи аудит дар назди Шӯрои нозирони Бонк амал карда, дорои ваколату уҳдадориҳои зерин мебошад:

20.3.1. сиёсати Бонкро дар самти аудити дохилӣ ва ҳисоботи молиявӣ баррасӣ менамояд;

20.3.2. таъмини пуррагӣ, дақиқӣ ва саҳеҳии ҳисоботи муҳосибӣ, молиявӣ ва ҳисоботи молиявии маҷмуии Бонкро назорат мекунад;

20.3.3. қабули нақшаи солонаи аудит, қоидаҳо, назорати баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии хавфҳоро дар Бонк баррасӣ менамояд ва тавсия медиҳад;

20.3.4. оид ба таъини ташкилоти аудитории Бонк тавсияҳо медиҳад ва оид ба ҳаққи хизматрасонии ташкилоти аудиторӣ тавсияҳо медиҳад;

20.3.5. ҳисоби ташкилоти аудиториро оид ба ҳисоботи молиявии Бонк баррасӣ мекунад ва ба Шӯрои нозирон дар бораи ҳама гуна камбудиҳои ошкоршуда то аз ҷониби он маъқул донистани ҳисоботи молиявӣ хабар медиҳад;

20.3.6. ба Шӯрои нозирон оид ба сохтори аудити дохилӣ, номзадии сараудитори дохилӣ ва подошпулии ӯ тавсия медиҳад;

20.3.7. аз сараудитори дохилии Бонк ҳисобот талаб мекунад;

20.3.8. ҳисоботҳои Департаменти аудити дохилии Бонкро баррасӣ мекунад ва аз тарафи Раёсати Бонк сари вақт бартараф кардани камбудиҳои низоми назорати дохилӣ, инчунин, дигар камбудиҳоеро, ки аз ҷониби сохтори аудити дохилӣ ва воҳидҳои назораткунанда ошкор шудаанд, назорат мекунад;

20.3.9. мутобиқатии фаъолияти Бонкро ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ назорат мекунад ва маълумотро ба Шӯрои нозирон пешниҳод мекунад;

20.3.10. ҳисоботи Бонкро, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мешавад, баррасӣ мекунад;

20.3.11. оид ба ҳама гуна масъалаҳое, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк дар назди Кумитаи аудит гузошта шудаанд, ҳисобот пешниҳод менамояд;

20.3.12. ҳар семоҳа ба Шӯрои нозирон оид ба кори Кумитаи аудит ҳисобот пешниҳод мекунад, инчунин, оид ба ҳама гана масъалаҳое, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон дар назди Кумитаи аудит дар доираи ваколати он гузошта шудааст, ҳисобот пешниҳод менамояд;

20.3.13. амалиётҳо ва аҳдҳои Бонкро дар асоси нақшаҳое, ки Кумитаи аудит мутобиқи дархости Шӯрои нозирон, дархости саҳмдорони (саҳмдори)

Бонк, ки зиёда аз 10% (даҳ фоиз)-и саҳмияҳои овоздиҳандаро соҳиб мебошанд, қабул кардааст, баррасӣ менамояд;

20.3.14. оид ба фаъолияти худ ба Маҷлиси умумии саҳмдорон на камтар аз як маротиба дар як сол ҳисобот пешниҳод менамояд.

20.4. Қарорҳои Кумитаи аудит бо аксарияти овози аъзоёни иштирокдошта қабул карда мешавад. Ҳангоми баробар будани микдори овозҳо, овози Раиси Кумитаи аудит ҳалкунанда мебошад.

20.5. Дигар масъалаҳое, ки ба тартиби кори Кумитаи аудит, ки дар Оинномаи мазкур инъикос нашудаанд, тибқи Низомномаҳои дахлдори дохилибонкӣ, ки фаъолияти кумитаҳои Шӯрои нозирони Бонкро ба танзим медарорад ва аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ мегардад, танзим карда мешаванд.

20.6. Бо мақсади баҳодиҳии мувофиқати низомҳои назорати фаъолияти дохилии Бонк ва самаранокии он, Шӯрои нозирони Бонк воҳиди аудити дохилии Бонкро таъсис медиҳад ва Сараудитори дохилии Бонкро таъин мекунад, ки он Департаменти аудити дохилии Бонкро роҳбарӣ менамояд. Ба вазифаи Сараудитори дохилии Бонк танҳо шахсе таъин карда мешавад, ки ба талаботи пешниҳодгардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат кунад.

20.7. Департаменти аудити дохилии Бонк фаъолияти худро тибқи Низомнома оид ба ташкили аудити дохилӣ дар Бонк, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ мегардад, амалӣ менамояд.

## Боби 21. Муносибатҳои меҳнатӣ дар Бонк

21.1. Муносибатҳои меҳнатӣ дар Бонк бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби корпоративии Бонк, қоидаҳои тартиботи меҳнатии дохилии Бонк, низомнома дар бораи воҳидҳои сохтории Бонк, дастурамалҳои мансабии кормандони Бонк, дигар санадҳои меъёрии дохилии Бонк, инчунин, бо шартномаҳои меҳнатӣ, танзим карда мешаванд.

21.2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо дар муносибатҳои меҳнатӣ бо кормандон аз ҷониби Раиси Раёсати Бонк амалӣ карда мешавад ва бо кормандони тобеи Шӯрои нозирон - аз ҷониби Раиси Шӯрои нозирон амалӣ карда мешавад. Чунин ваколатҳо метавонанд дар доираи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба дигар роҳбарони Бонк вогузор карда шаванд.

21.3. Бонк тибқи Оинномаи мазкур, инчунин, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори худ, шумораи кормандон, андоза ва тартиби пардохти музди меҳнат, шароити меҳнати онҳо, аз ҷумла, давомнокии ҳафтаи корӣ, давомнокии рухсатии меҳнатӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба кормандони Бонкро муайян мекунад.

21.4. Кормандони Бонк ҳангоми ба кор қабул шудан бо талаби шахсони мансабдори ваколатдори Бонк вазифадор мешаванд, уҳдадории ифшо накардани сирри тиҷоратии Бонк, сирри бонкӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ба зимма гиранд.

21.5. Дар вазифаи аъзои Шӯрои нозирон, Раиси Раёсат (муовинони ӯ), аъзоёни Раёсат, сараудитор, сармуҳосиб ё хазинадори Бонк якҷоя кор кардани шахсоне, ки байни худ муносибати хешутаборӣ (зан (шавҳар), фарзандон, падару модар, бародарон, хоҳарон,

инчунин, падару модар, бародарон, хоҳарон ва фарзандони зан (шавҳар), кудоҳо, келинҳо, домодҳо, бародарзодагон, хоҳарзодагон, набера, писархондкунанда, фарзандхондагон) дошта бошанд, манъ аст.

21.6. Дар Бонк якҷоя кор кардани шахсоне, ки муносибати хешутаборӣ доранд, агар кори онҳо ба итоату назорати бевоситаи ҳамдигарӣ алоқаманд бошад, манъ аст.

## Боби 22. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Бонк

22.1. Барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии Бонк тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

22.2. Азнавташкилдиҳии Бонк метавонад дар шакли муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ танҳо бо розигии пешакии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ гардад.

22.3. Ҳангоми азнавташкилдиҳии Бонк ҳуқуқ ва уҳдадориҳои он ба ворисон мегузарад. Барҳамдиҳии Бонк боиси қатъи мавҷудияти он, бе гузаштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои он ба дигар шахсон бо тартиби ворисии умумӣ мегардад.

22.4. Бонк ба истиснои ҳолатҳои азнавташкилшавӣ бо роҳи ҳамроҳшавӣ ва табдилдиҳӣ аз рӯзи ба қайди давлатӣ гирифтани шахсони ҳуқуқии навтаъсис азнавташкилшуда ба ҳисоб меравад.

22.5. Дар сурати азнавташкилдиҳии Бонк дар шакли ба он ҳамроҳшавии дигар шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳамроҳшавӣ иштирок менамоянд, дар ин хусус бо тартиби муқаррашуда дар як вақт бараи ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ариза пешниҳод менамоянд. Бонк аз лаҳзае азнавташкилшуда ба ҳисоб меравад, ки маълумоти дар бораи қатъ гардидани фаъолияти шахси ҳуқуқии ҳамроҳшуда ва маълумоти дар бораи тағйироти ҳуҷҷатҳои таъсисии Бонк ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ворид карда шудаанд.

22.6. Азнавташкилдиҳии Бонк дар шакли табдилдиҳӣ пас аз лаҳзаи ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар бораи тағйирдиҳии шакли ташкилию ҳуқуқии Бонк ба итмомрасида дониста мешавад.

22.7. Барҳамдиҳии Бонк ихтиёран дар асоси қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон ва бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон ё маҷбуран бо қарори суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

22.8. Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк, ки дар бораи барҳамдиҳии ихтиёрии Бонк қарор қабул кардааст, комиссияи барҳамдиҳӣ таъин мекунад, тавозуни фосилавии барҳамдиҳӣ ва тавозуни ниҳоии барҳамдиҳии ихтиёрии Бонкро дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. Аз рӯзи таъини комиссияи барҳамдиҳӣ ҳамаи ваколатҳои вобаста ба идораи Бонк ба он мегузаранд.

22.9. Комиссияи барҳамдиҳӣ вазифадор аст ҳуҷҷатҳои дар чараёни фаъолияти Бонк бавуҷудомадаро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишон додани муҳлатҳои нигоҳдории ҳуҷҷатҳои зикргардида барои нигоҳдорӣ ба бойгонии давлатӣ супорад.

22.10. Пас аз ворид намудани сабт ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар бораи барҳамдиҳӣ ва қатъкунӣ, барҳамдиҳӣ анҷомёфта ва фаъолияти Бонк қатъшуда ҳисобида мешавад.

Аз рӯзи дар таҳрири нав (таҳрири 09) мавриди амал қарор гирифтани Оинномаи мазкур, таҳрири 08-и он, ки аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон (Пайнавишти №42 аз 31.05.2024) тасдиқ шудааст, беэътибор дониста шавад.

Дар ҳаҷми
23 (бисту се)
варақ саҳифабандӣ ва
дӯхта шуда, муҳр гузошта шуд.

